

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№4-5 (4900-4901)

ДУШАНБЕ,
6 ЯНВАРИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991
чоп мешавад

www.sadoimardum.tj



## ТАЪИНОТИ КАДРӢ

**4-уми январи соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кадрҳоеро, ки ба вазифаҳои масъули Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва Вазорати корҳои хориҷӣ таъин шуданд, барои суҳбат ба ҳузур пазируфтанд.**

Мутобиқи моддаи 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» Мирдадо Зариф ва Зоҳидзода Даврон аз вазифаи муовинҳои раиси вилояти Суғд бо сабаби гузаштан ба кори дигар озод шуда, Қосимӣ Файзулло, Ҷӯразода Ҷамшед ва Исмоилзода Зуфар муовинони раиси вилояти Суғд таъин гардиданд.

Бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон раисони нави шаҳру ноҳияҳои Конибодом, Бӯстон, Гулистон, Шаҳристон, Айнӣ ва Зафарободи вилояти Суғд аз ҳисоби мутахассисони ҷавони варзида таъин карда шуданд.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Имомӣ Содиқ Ашурбойзода сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Туркия таъин гардид.

Зимни суҳбат Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон онҳоро ба кору хизмати содиқонаю софдилона ба давлат ва мардуми Тоҷикистон, ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар арсаи ҷаҳонӣ, вусъат бахшидани корҳои ободонию созандагӣ, дастгирии ҳамаҷонибаи соҳибкорӣ, бахусус соҳибкории истеҳсолӣ, афзун намудани ҳаҷми истеҳсолоти ватанӣ ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, зиёд намудани иқтидори содиротии кишвар, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ, бунёду навсозии роҳу коммуникатсия, муассисаҳои тиббию таълимӣ ва томактабӣ ҳидоят намуданд.

Дар фароварди суҳбат Пешвои миллат таъкид намуданд, ки дар муомила бо мардум фарҳанги баланди муошират ва одобу ахлоқи намунавӣ дошта бошанд.

**www.prezident.tj**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи судяи суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе озод намудани Одиназода М.Ҷ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Одиназода Мирзо Ҷалил аз вазифаи судяи суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе бинобар содир намудани кирдоре, ки шаъну эътибори судяро паст мезанад, озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 4 январи соли 2025, №884**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси шаҳри Конибодоми вилояти Суғд озод намудани Тӯхтасунзода А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Тӯхтасунзода Абдусалом бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси шаҳри Конибодоми вилояти Суғд озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 4 январи соли 2025, №885**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси шаҳри Гулистони вилояти Суғд озод намудани Ҳошимзода Р.Ҳ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Ҳошимзода Раъно Ҳошим бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси шаҳри Гулистони вилояти Суғд озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 4 январи соли 2025, №886**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси шаҳри Бӯстони вилояти Суғд озод намудани Ғаффорзода Н.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Ғаффорзода Нигорахон бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси шаҳри Бӯстони вилояти Суғд озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 4 январи соли 2025, №887**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Айнии вилояти Суғд озод намудани Муродзода М.Қ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Муродзода Муқим Қаюм бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Айнии вилояти Суғд озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 4 январи соли 2025, №888**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Шаҳристони вилояти Суғд озод намудани Акрамзода Б.И.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Акрамзода Баҳодур Исмоил бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Шаҳристони вилояти Суғд озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 4 январи соли 2025, №889**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 4 январи соли 2025, №1, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Ҷӯразода Ҷ.Ҳ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ҷӯразода Ҷамшед Ҳабибулло бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 4 январи соли 2025, №2, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Имомӣ С.А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Имомӣ Содиқ Ашурбойзода бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 4 январи соли 2025, №3, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Нуруллозода Ф.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Нуруллозода Фирӯза бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини якуми раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҶАЛАСАИ ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

**Шашуми январи соли 2025 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз муҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қосимӣ Ф.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин баровардани Қосимӣ Ф.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Комиссияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба одоби вакилон баровардани Қосимӣ Ф.», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маърифати экологӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва истифодабарии оқилонаи захираҳои генетикии набототи корам», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона», «Оид ба Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди кувайтии рушди иқтисоди араб вобаста ба лоиҳаи НБО «Роғун» ва «Оид ба Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки осиёии сармоягузорӣ ва инфрасохторӣ вобаста ба татбиқи лоиҳаи «Барномаи рушди НБО «Роғун» – марҳилаи 1» мавриди баррасӣ қарор гирифта, барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда шуданд.



Шурои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ АСНОДИ ҲОЛАТИ ШАҲРВАНДӢ

Қонуни мазкур вазъи ҳуқуқии мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, тартиби бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва анҷом додани амалиёти дигари вобаста ба он, ташкил ва нигоҳдории китобҳои асноди ҳолати шаҳрвандӣ, инчунин пешбурди феҳристи давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандиро муайян менамояд.

### БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни мазкур ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 2. Асноди ҳолати шаҳрвандӣ**

1. Асноди ҳолати шаҳрвандӣ амали шахс ё ҳодисае мебошанд, ки боиси ба вуҷуд омадан, тағйир додан ва (ё) қатъ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳо гардида, вазъи ҳуқуқии ӯро муайян менамоянд.

2. Таваллуд, вафот, ақди никоҳ, бекор кардани ақди никоҳ, фарзандхондӣ, муқаррар намудани падарӣ, иваз намудани насаб, ном ва номи падар, инчунин анҷом додани амалиёти дигари вобаста ба бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ, сарфи назар аз миллат, нажод, ранги пӯст, пайдоиш, ҷинс, забон, дин ва эътиқод, мансубияти миллӣ ва (ё) этникӣ, маъюбият, вазъи саломатӣ, синну сол, шаҳрвандӣ, ақида, вазъи молумулкӣ ё ҳолати дигар, бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд.

3. Асноди ҳолати шаҳрвандие, ки тибқи тартиби муқарраршуда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз ҳудуди он дода шудаанд, эътибор доранд.

**Моддаи 3. Бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва анҷом додани амалиёти дигари вобаста ба бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ**

1. Бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии шахс, инчунин манфиати давлат ва ҷамъият, аз ҷумла ҷамъ намудани маълумоти омории пурра, боэътимод ва саривақтӣ оид ба ҳолати шаҳрвандӣ, муқаррар карда мешавад.

2. Бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз тарафи мақомоти бақайдгирандаи давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ тавассути тартиб додани сабти дахлдори асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки дар асоси он шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ дода мешавад, сурат мегирад.

3. Ворид намудани маълумоти зарурӣ ба сабти асноди таваллуд, вафот, ақди никоҳ, бекор кардани ақди никоҳ, фарзандхондӣ, муқаррар намудани падарӣ, иваз намудани насаб, ном, номи падар, инчунин ворид намудани ислоҳ, тағйир, илова ва ишораҳо, барқарор ё бекор намудани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва додани шаҳодатнома дар асоси ин сабтҳо бо Қонуни мазкур ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар карда мешаванд, ба истиснои анҷом додани ин амалиёт дар портали сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки тибқи тартиби пешбурди портали сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ сурат мегирад.

4. Шакли бланкҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

5. Коргузорӣ дар мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дар назар доштани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият сурат мегирад.

6. Корманди мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ ҳуқуқи ба ҷо овардани бақайдгирии давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандиро нисбат ба худ, ҳамсар, хешовандони худ ва хешовандони ҳамсар (падару модар, фарзанд, набера, бобою бибӣ, бародар ва хоҳар) надорад. Бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар ин ҳолатҳо аз тарафи корманди дигари мақомот тибқи дастурамали бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва анҷом додани амалиёти дигари вобаста ба бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба ҷо оварда мешавад.

7. Дастурамали бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва анҷом додани амалиёти дигар вобаста ба бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва тартиби пешбурди портали сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

8. Муроҷиат барои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва анҷом додани амалиёти дигари вобаста ба бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз ҷониби шахсе, ки ба синни ҳаждаҳ расидааст, агар дар Қонуни мазкур синну соли дигар пешбинӣ нашуда бошад, намояндаи қонунӣ, инчунин тавассути намояндае, ки ваколати ӯ тариқи нотариалӣ тасдиқ шудааст, бо пешниҳоди ваколатнома иҷозат дода мешавад.

**Моддаи 4. Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ**

1. Ҳангоми ба ҷо овардани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бояд ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи воқеиятҳои ба қайди давлатӣ гирифташаванда ва ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти муроҷиаткунанда ба мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ пешниҳод карда шаванд. Ҳуҷҷатҳои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатҳои хориҷӣ дода шудаанд ва барои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ пешниҳод гардидаанд, бояд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйид ё ба онҳо апостил гузошта шаванд, агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Ҳуҷҷатҳои мазкур бояд ба забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҷума ва дурустии тарҷумаи онҳо дар идораи нотариалии давлатӣ тасдиқ карда шаванд.

2. Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар ду нусхаи асл тартиб дода мешавад. Дар сурати тибқи тартиби пешбининамудаи Қонуни мазкур ворид намудани тағйирот ба нусхаи якуми сабт, тағйироти дахлдор бояд ба нусхаи дуюми сабт ворид карда шаванд. Агар дар Қонуни мазкур муҳлати дигар пешбинӣ нашуда бошад, ворид намудани тағйирот ба сабт дар муддати на дертар аз се рӯзи корӣ бояд анҷом дода шавад.

3. Нусхаҳои якуми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ (аз рӯйи ҳар як намуди сабти асноди ҳолати шаҳрвандии алоҳида), ки дар давоми сол тартиб дода шудаанд, дар китобҳои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ бо тартиби пайдарҳамӣ ҷамъ оварда мешаванд. Бо ҳамин тартиб нусхаҳои дуюми сабт низ дар китобҳои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ҷамъ оварда мешаванд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд озод намудани Исмоилзода З.М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Исмоилзода Зуфар Муртазохон бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 4 январи соли 2025, №890**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Туркия таъин намудани Имомӣ С.А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Имомӣ Содиқ Ашурбойзода сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Туркия таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 4 январи соли 2025, №891**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ таъин намудани Мирзозода П.М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Мисри Араб Мирзозода Парвиз Муродалӣ ҳамзамон сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 4 январи соли 2025, №892**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Конибодоми вилояти Суғд таъин намудани Зоҳидзода Д.А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Зоҳидзода Даврони Абдуқодир иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Конибодоми вилояти Суғд таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 4 январи соли 2025, №893**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Бӯстони вилояти Суғд таъин намудани Нуруллозода Ф.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Нуруллозода Фирӯза иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Бӯстони вилояти Суғд таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 4 январи соли 2025, №894**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Гулистони вилояти Суғд таъин намудани Пӯлотзода И.П.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Пӯлотзода Илҳом Пӯлот иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Гулистони вилояти Суғд таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 4 январи соли 2025, №895**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи раиси ноҳияи Айнии вилояти Суғд таъин намудани Раҳимзода Р.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Раҳимзода Рӯзибой раиси ноҳияи Айнии вилояти Суғд таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 4 январи соли 2025, №896**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Шаҳристони вилояти Суғд таъин намудани Ғафурзода Р.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Ғафурзода Рабим иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Шаҳристони вилояти Суғд таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 4 январи соли 2025, №897**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд таъин намудани Муродзода М.Қ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Муродзода Муқим Қаюм иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 4 январи соли 2025, №898**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## ДАР БОРАИ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ АСНОДИ ҲОЛАТИ ШАҲРВАНДӢ

**(Идома аз саҳ. 1)**

4. Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар шакли коғазӣ ва (ё) ҳуҷҷати электронӣ тартиб дода мешавад.

5. Ҳар як сабт, ки ба китобҳои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ворид карда мешавад, бояд аз тарафи муроҷиаткунанда хонда шуда, дар он имзои ӯ, шахси тартибдиҳандаи сабт, роҳбари мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ ё шахсе, ки ба зиммаи ӯ муваққатан иҷрои уҳдадориҳои мансабии роҳбар вогузор карда шудаанд (минбаъд – роҳбар), инчунин муҳри мақомот гузошта шаванд. Дар сурати дар шакли электронӣ тартиб додани сабт, он бо имзои электронии рақамии шахси тартибдиҳандаи сабт ва роҳбар ба расмият дароварда шуда, бояд шакли чопии он аз тарафи муроҷиаткунанда хонда шуда, дар он имзои ӯ ва муҳри мақомот гузошта шаванд.

6. Сабтҳои асноди ҳолати шаҳрвандии дар шакли ҳуҷҷати электронӣ тавассути низоми ягонаи иттилоотии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ тартибдодашуда дар феҳристи давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ нигоҳ дошта мешаванд.

7. Маълумоти дар шакли ҳуҷҷати электронӣ тартибдодашудаи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ маълумоте мебошанд, ки дар асоси онҳо захираҳои асосии давлатии иттилоотӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул меёбанд.

**Моддаи 5. Феҳристи давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ**

1. Феҳристи давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ин низоми ягонаи иттилоотии давлатӣ мебошад, ки дар шакли электронӣ пеш бурда шуда, маълумот оид ба асноди ҳолати шаҳрвандӣ, тағйирот вобаста ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, барқарор ва бекор намудани онҳо, маълумот оид ба дода шудани шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва оид ба дода шудани иқтибос аз онҳоро дар бар мегирад. Феҳристи давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ маълумоти хусусияти иттилоотӣ, ёрирасон ва таҳлилии ба фаъолияти мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ алоқамандро дар бар мегирад.

2. Ҳар як сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки ба феҳристи давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ворид шудааст, инчунин маълумот дар бораи ҳар як ҳуҷҷати аз ҷониби мақоми салоҳиятдори давлати хориҷӣ барои тасдиқи асноди ҳолати шаҳрвандӣ додашуда, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузории кишварҳои дахлдори хориҷӣ нисбат ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад, ҳангоми ворид кардан ба феҳристи давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ бо рақами ягона, ки тағйирнопазир мебошад, мушаххас гардонда шуда, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон он такрор намеёбад.

3. Сабти асноди ҳолати шаҳрвандие, ки ба феҳристи давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар шакли электронӣ ворид карда мешавад, таҳти нигоҳдории доимӣ қарор дошта, ба нобуд сохтан ва бозпас гирифтани он иҷозат дода намешавад. Дар сурати ворид намудани тағйирот ё ислоҳот ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, сабтҳои қаблан воридгашта нигоҳ дошта мешаванд.

4. Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки пешбурди феҳристи давлатии асноди ҳолати шаҳрвандиро амалӣ менамояд, дорои ваколатҳои зерин мебошад:

1) ташаккул, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард ва пешниҳоди иттилоот оид ба бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ;

2) таъсис ва роҳандозии таъминоти барномавӣ, таъмини фаъолияти бефосилаи ҳаррӯза ва шабонарӯзии он;

3) пешниҳоди дастрасӣ ба махзани иттилоотӣ, таъмини бақайдгирии ҳамин дастрасӣ ва сабти маълумот оид ба ҳар як дастрасӣ;

4) таъмини ҳифзи иттилооти дар феҳристи давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ҷойдодашуда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи иттилоот, маълумоти шахсӣ ва иттилооти дигар дар соҳаи амнияти иттилоотӣ.

**Моддаи 6. Мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ**

1. Бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар шаҳру ноҳияҳо аз тарафи воҳиди сохтории Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ (минбаъд – мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ)-и шаҳру ноҳия ба ҷо оварда мешавад. Бақайдгирии давлатии ақди никоҳ дар хонаҳои ақди никоҳ низ сурат гирифта метавонад.

2. Бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар шаҳраку деҳот аз тарафи ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот сурат мегирад. Бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар маркази шаҳру ноҳияе, ки дар он ҷамоатҳои шаҳрак ё деҳот мавҷуданд, аз тарафи мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар шаҳр ва (ё) ноҳия сурат мегирад.

3. Бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

4. Мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ба истиснои ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот, мақомоти ваколатдори давлатҳои хориҷиро, ки бо онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва барқарор намудани муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои маданӣ ва оилавӣ шартномаҳо ба имзо расонидааст, дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандии шаҳрвандони давлатҳои мазкур хабардор менамоянд, агар дар шартномаҳо пешниҳод намудани маълумоти мазкур пешбинӣ шуда бошад.

5. Мақомот ё шахсони мансабдори дигар ҳуқуқи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандиро надоранд.

**Моддаи 7. Идоракунӣ, фаъолият дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва ваколати мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ**

1. Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми роҳбарикунанда ва назоратии фаъолияти мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ мебошад. Мақсад, вазифа ва ваколатҳои Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи идоракунӣ ва назорати мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни мазкур ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

2. Ба кор дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ танҳо шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ дорад, қабул карда мешавад. Ба мансаби роҳбари мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ шахсе таъин карда мешавад, ки на камтар аз се сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад. Талабот нисбат ба кормандони техникӣ ва хизматрасони мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва тартиби фаъолияти онҳо аз ҷониби мақоми ваколатдор тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

3. Мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии шаҳр (ноҳия) таваллуд, вафот, ақди никоҳ, бекор кардани ақди никоҳ, фарзандхондӣ, муқаррар намудани падарӣ, иваз намудани насаб, ном ва номи падарро ба қайди давлатӣ гирифта, ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ислоҳ, тағйир, илова ва ишораҳо ворид менамоянд, сабтҳоро барқарор ва бекор мекунанд, инчунин китобҳои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандиро нигоҳ медоранд ва шаҳодатномаи нав, такрорӣ ва маълумотномаҳои дахлдор медиҳанд.

**Моддаи 8. Ваколати ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот вобаста ба бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ**

Ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот таваллуд, вафот, ақди никоҳ, ба истиснои ақди никоҳи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, инчунин муқаррар намудани падариро ба қайди давлатӣ мегиранд ва ҳар понздаҳ рӯз ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии шаҳр (ноҳия)-и дахлдор ҳисобот пешниҳод менамоянд.

**Моддаи 9. Ваколати муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва анҷом додани амалиёти дигари вобаста ба бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ**

1. Муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ваколатҳои зерин мебошанд:

1) бақайдгирии давлатии таваллуд, вафот, ақди никоҳ, бекор кардани ақди никоҳ, фарзандхондӣ, муқаррар намудани падариро ба ҷо оварда, сабтҳоро барқарор ё бекор менамоянд, инчунин китобҳои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандиро нигоҳ медоранд;

2) дар асоси аризаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ доранд, дар бораи ворид намудани ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тартибдода қарор қабул менамоянд;

3) ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандии дар онҳо нигоҳдошташаванда ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ворид менамоянд;

4) дар асоси сабтҳои асноди ҳолати шаҳрвандии дар онҳо нигоҳдошташаванда шаҳодатномаи такрорӣ дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва ҳуҷҷатҳои дигари тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандиро медиҳанд.

2. Муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар моҳ сабтҳои асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва ҳисобот оид ба амалиёти мутобиқи қисми 1 ҳамин модда анҷомдодашуда, инчунин хабарномаҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор ба асноди ҳолати шаҳрвандиро тибқи тартиби муқарраргардида ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

3. Агар сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба феҳристи давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар шакли электронӣ ворид карда шуда бошад, пас талаботи қисми 2 ҳамин модда татбиқ намегардад.

**Моддаи 10. Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ**

Ба муроҷиаткунанда дар бораи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ дода мешавад. Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз тарафи роҳбар имзо гардида, ба он муҳр гузошта мешавад.

**Моддаи 11. Шаҳодатномаи такрории бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва ҳуҷҷатҳои дигари тасдиқкунандаи мавҷуд будан ё набудани воқеияти бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ**

1. Дар сурати нохоно будани калима, рақам ва (ё) навиштаҷоти муҳри шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ, гум кардани шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ, инчунин корношоям гардидани он, шаҳодатномаи такрории бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз рӯйи аризаи шаҳрванд дар асоси сабти китобҳои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз тарафи мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо (ноҳияҳо), муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар ҳолатҳои ёфт нашудани китобҳои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар мақомоти бақайдгирандаи дахлдор, аз тарафи воҳиди сохтории ҷумҳуриявии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ҷумҳуриявӣ) дода мешавад. Дар кунҷи болои тарафи рости шаҳодатномаи такрории бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ қайди «Такрорӣ» гузошта мешавад.

2. Шаҳодатномаи такрории бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ дода мешавад:

1) ба шахсе, ки нисбат ба ӯ сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ тартиб дода шудааст;

2) ба хешовандони шахси вафоткарда ё шахси дигари манфиатдор, дар ҳолати агар шахсе, ки нисбат ба ӯ пештар сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ тартиб дода шуда буд, вафот карда бошад;

3) ба падару модар (яке аз онҳо), шахсони онҳоро ивазкунанда, намояндаи мақомоти васояту парасторӣ ва маъмурияти ташкилотҳое, ки кӯдак дар тарбияи онҳо мебошад, дар ҳолати мавҷуд будани сабти асноди таваллуд нисбат ба ӯ, агар кӯдак то рӯзи додани шаҳодатномаи такрорӣ ба балоғат нарасида бошад.

3. Шаҳодатномаи такрории бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ дода намешавад:

1) шаҳодатномаи таваллуди кӯдак ба падар ва модари кӯдаке, ки аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум карда шудаанд ё ҳуқуқи падару модарии онҳо маҳдуд карда шудааст;

2) шаҳодатномаи ақди никоҳ ба шахсоне, ки ақди никоҳашонро бекор кардаанд ва шахсоне, ки ақди никоҳашон беэътибор дониста шудааст.

4. Шаҳодатномаи такрории бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба шахсе, ки ба мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи нигаҳдории сабти аснод бо аризаи хаттӣ муроҷиат намудааст, дар муддати на дертар аз се рӯзи корӣ бо пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсияти муроҷиаткунанда дода мешавад. Дар сурати дар ариза мавҷуд набудани маълумоти дақиқ дар бораи вақт ва ҷойи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ариза дар муддати на дертар аз даҳ рӯз баррасӣ карда мешавад. Дар сурате ки сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар дигар мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ нигоҳ дошта шуда бошад, ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии маҳалли истиқомат аризаи хаттӣ пешниҳод карда мешавад. Дар асоси дархости хаттии шахси муроҷиаткунанда, инчунин пардохти боҷи давлатӣ ва пардохтҳои дигари муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии маҳалли истиқомат дар муҳлати панҷ рӯзи корӣ ба мақомоти бақайдгирандаи ҷойи нигаҳдории сабт дархост пешниҳод менамояд. Шаҳодатномаи такрорӣ дар муддати на дертар аз се рӯзи корӣ омода ва ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии маҳалли истиқомати муроҷиаткунанда равон гардида, дар ин бора ба муроҷиаткунанда хабар дода мешавад.

5. Бо талаби шахсони дар қисми 3 ҳамин модда пешбинигардида ба онҳо ҳуҷҷати тасдиқкунандаи воқеияти бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдак ва (ё) ақди никоҳ дода мешавад.

6. Ба шахс дар асоси муроҷиати ӯ ҳуҷҷати тасдиқкунандаи мавҷуд будан ё набудани воқеияти бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки ба ӯ дахл дорад, дода мешавад.

**Моддаи 12. Пардохти боҷи давлатӣ ва хизматрасонии иловагии музднок барои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва анҷом додани амалиёти дигари вобаста ба бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ**

1. Бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» барои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва анҷом додани амалиёти дигари вобаста ба бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ боҷи давлатӣ пардохта мешавад.

2. Барои анҷом додани хизматрасониҳои иловагии муздноки бо сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ алоқаманд, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳаққи хизматрасонӣ пардохт мекунанд. Тартиб, андоза ва имтиёзҳои вобаста ба пардохти хизматрасониҳои иловагии музднок дар мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

3. Бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва анҷом додани амалиёти дигари вобаста ба бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандиро кормандони мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо баъди пешниҳод гардидани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи пардохтҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки тариқи ғайринақдӣ тавассути ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва инфрасохтори дигари қабули пардохтҳои ғайринақдӣ пардохт шудаанд, ба ҷо меорад.

**Моддаи 13. Рад кардани бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва анҷом додани амалиёти дигари вобаста ба бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ**

1. Бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва анҷом додани амалиёти дигари вобаста ба бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар ҳолатҳои зерин рад карда мешавад, агар:

1) бақайдгирии давлатӣ хилофи Қонуни мазкур бошад;

2) ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ба талаботи пешбининамудаи Қонуни мазкур ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ ҷавобгӯй набошанд;

3) ҳуҷҷатҳо ва (ё) маълумоти пешниҳодшуда, ки бо Қонуни мазкур ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ шудаанд, нопурра бошанд;

4) шахси ғайриқобили амал ё намояндае барои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва анҷом додани амалиёти дигари вобаста ба бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ муроҷиат карда бошад, ки дорои ваколатҳои дахлдор ва мушаххаси зарурӣ барои амалиёти мазкур намебошад;

5) шахс ҳуқуқи муроҷиат карданро барои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва анҷом додани амалиёти дигари вобаста ба бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ надошта бошад;

6) Қонуни мазкур ҳолатҳои дигарро пешбинӣ намуда бошад.

2. Роҳбарони мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ уҳдадоранд ба шахсе (намояндаи ӯ), ки нисбат ба ӯ бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва анҷом додани амалиёти дигар вобаста ба бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ рад карда шудааст, сабаби рад карданро дар шакли хаттӣ пешниҳод намоянд.

3. Шахси манфиатдор дар бораи рад кардани бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва анҷом додани амалиёти дигар вобаста ба бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ метавонад ба мақомоти болоии бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва (ё) ба суд дар муддати як моҳ муроҷиат намояд.

**Моддаи 14. Боэътибор ҳисобидани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи асноди ҳолати шаҳрвандии аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатҳои хориҷӣ додашуда**

Ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатҳои хориҷӣ берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қонунгузории давлати хориҷӣ нисбат ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дода шудаанд, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон боэътибор ҳисобида мешаванд, дар сурате ки онҳо таъйид шуда бошанд ё ба онҳо апостил гузошта шуда бошад, агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

**Моддаи 15. Ҳифзи маълумоти шахсӣ**

1. Маълумоте, ки дар натиҷаи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва анҷом додани амалиёти дигари вобаста ба бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба корманди мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ маълум гардидаанд, махфӣ буда, фош кардани онҳо, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, манъ аст.

2. Маълумот дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ, анҷом додани амалиёти дигари вобаста ба бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ, инчунин нусхаи ҳуҷҷатҳое, ки дар мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ маҳфузанд, танҳо ба шахсони воқеӣ, ки аз номи онҳо, ба номи онҳо ё бо дархости онҳо ин ҳуҷҷат ба расмият дароварда шудааст, ё ин ки ба шахсони ваколатдорнамудаи онҳо дода мешаванд.

3. Маълумот дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ, анҷом додани амалиёти дигари вобаста ба бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ, инчунин нусхаи ҳуҷҷатҳое, ки дар мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ маҳфузанд, инчунин дода мешаванд:

1) бо талаби суд вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ, маъмурӣ, маданӣ, оилавӣ ё иқтисодии дар истеҳсолотбуда;

2) ба мақомоти прокуратура, таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятие, ки дар истеҳсолоташон мебошанд, бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) ба иҷрочии мақомоти иҷро вобаста ба истеҳсолоти иҷро;

4) ба мақомоти давлатии дигар дар ҳолат ва бо тартиби пешбининамудаи дастурамали бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва анҷом додани амалиёти дигари вобаста ба бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва тартиби пешбурди портали сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ.

4. Гирифтани нусхаҳои аслии ҳуҷҷатҳое, ки дар мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ маҳфузанд, ба истиснои ҳолатҳои ба вуҷуд омадани зарурати таъини экспертизаи ҳуҷҷатҳо, манъ аст. Ин ҳуҷҷатҳо танҳо дар асоси санади дахлдор, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст, гирифта ва ҳатман баргардонда мешаванд.

5. Шахсе, ки маълумоти дар натиҷаи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва анҷом додани амалиёти дигари вобаста ба бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба ӯ маълумгардидаро ошкор месозад, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

### БОБИ 2.
### БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ ТАВАЛЛУД

**Моддаи 16. Асосҳо барои бақайдгирии давлатии таваллуд**

1. Асосҳо барои бақайдгирии давлатии таваллуд инҳо мебошанд:

1) ҳуҷҷати дорои шакли муқарраршуда оид ба таваллуд, ки аз тарафи ташкилоти тиббии ҷойи таваллуд ё аз тарафи табиб ва (ё) корманди миёнаи тиббии ташкилоти тиббӣ, ки дар давраи таваллуд ба зан кумаки тиббӣ расонидааст ва (ё) модар баъд аз таваллуд ба ӯ муроҷиат намудааст, ё аз тарафи шахсе, ки ба фаъолияти хусусии тиббӣ машғул аст, ҳангоми таваллуд берун аз ташкилоти тиббӣ дода шудааст;

2) ҳуҷҷатҳо дар бораи ёфт шудан, синну сол ва ҷинси кӯдаки ёфтшуда (партофташуда), ки аз тарафи мақомоти корҳои дохилӣ, васояту парасторӣ ва ташкилоти тиббӣ дода шудаанд.

2. Дар сурати мавҷуд набудани асосҳои пешбининамудаи қисми 1 ҳамин модда, бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдак дар асоси санади судӣ ба ҷо оварда мешавад.

**Моддаи 17. Ҷойи бақайдгирии давлатии таваллуд ва муайян намудани ҷойи таваллуди кӯдак**

1. Бақайдгирии давлатии таваллуд дар мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи таваллуди кӯдак ё маҳалли истиқомати доимӣ ва (ё) будубоши муваққатии падару модари (яке аз онҳо) кӯдак гузаронда мешавад.

2. Дар сабти асноди таваллуд маҳалли воқеии таваллуди кӯдак ё номи маконе, ки кӯдак дар он ҷо ёфт шудааст, нишон дода мешавад. Агар кӯдак дар ҳавопаймо, қатора ва (ё) дигар воситаи нақлиёт ҳангоми сафар таваллуд шуда бошад, ҷойи таваллуди кӯдак ҷойи бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдак ҳисоб мешавад.

**Моддаи 18. Ариза дар бораи таваллуди кӯдак**

1. Падару модар (яке аз онҳо) ба мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар бораи бақайдгирии таваллуди кӯдак аризаи хаттӣ пешниҳод мекунанд.

2. Агар падару модар (яке аз онҳо) имконияти шахсан додани ариза дар бораи бақайдгирии таваллуди кӯдакро надошта бошанд, ариза аз ҷониби хешовандони яке аз падару модар, мақомоти васояту парасторӣ ё шахси мансабдори ташкилоти тиббӣ, ки кӯдак дар он ҷо таваллуд ёфтааст ва (ё) аз тарафи шахси мансабдори ташкилоти дигаре, ки модар дар давраи таваллуд дар он ҷо буд ва (ё) кӯдаки таваллудшуда дар он ҷо қарор дорад, дода мешавад.

3. Дар баробари додани ариза дар бораи бақайдгирии таваллуди кӯдак, бояд ҳуҷҷати тасдиқкунандаи воқеияти таваллуди кӯдак, инчунин ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсияти падару модар (яке аз онҳо) ё шахсияти муроҷиаткунанда ва (ё) ҳуҷҷатҳои дигаре, ки барои ворид намудани маълумот дар бораи падару модар ба сабти асноди таваллуди кӯдак асос шуда метавонанд, пешниҳод карда шаванд.

4. Дар сурати мавҷуд набудани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти падару модар (яке аз онҳо) ё шахсияти аризадиҳанда ва (ё) ҳуҷҷатҳои дигаре, ки барои ворид намудани маълумот дар бораи падару модар ба сабти асноди таваллуди кӯдак асос шуда метавонанд, бақайдгирии таваллуди кӯдак дар асоси муроҷиати хаттии ташкилоти тиббӣ ё мақомоти васояту парасторӣ ба ҷо оварда мешавад.

5. Ариза дар бораи бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдак дар муддати се рӯзи корӣ аз лаҳзаи додани ариза баррасӣ гардида, аз рӯйи натиҷаи он шаҳодатномаи таваллуд дода мешавад ва (ё) қарор дар бораи рад кардани додани шаҳодатномаи таваллуд қабул карда мешавад.

**Моддаи 19. Тартиби ворид намудани маълумот дар бораи падару модар ба сабти асноди таваллуди кӯдак**

1. Дар китобҳои бақайдгирии давлатии сабти таваллуд мувофиқи аризаи падар ва (ё) модар, ки дар ақди никоҳи якдигар мебошанд, падару модари кӯдак навишта мешаванд. Маълумот дар бораи модари кӯдак ба сабти асноди таваллуди кӯдак дар асоси ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи моддаи 16 Қонуни мазкур ва маълумот дар бораи падари кӯдак дар асоси шаҳодатномаи ақди никоҳи падару модар ворид карда мешаванд.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ АСНОДИ ҲОЛАТИ ШАҲРВАНДӢ

**(Идома аз саҳ. 2)**

2. Агар ақди никоҳи байни падару модари кӯдак бекор гардида бошад, аз тарафи суд беэътибор дониста шуда бошад ва (ё) ҳамсар вафот карда бошад, вале аз рӯзи бекор кардани ақди никоҳ, беэътибор донистани он ва (ё) аз рӯзи вафоти ҳамсар то рӯзи таваллуди кӯдак сесад рӯз нагузашта бошад, маълумот дар бораи модари кӯдак ба сабти асноди таваллуди кӯдак бо тартиби муқаррарнамудаи қисми 1 ҳамин модда ва маълумот дар бораи падари кӯдак дар асоси шаҳодатномаи ақди никоҳи падару модар ё дигар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи воқеияти бақайдгирии давлатии ақди никоҳ, инчунин ҳуҷҷати тасдиқкунандаи воқеият ва вақти қатъи ақди никоҳ ворид карда мешаванд.

3. Агар падару модар дар ақди никоҳи якдигар қарор надошта бошанд, маълумот дар бораи модар ба сабти асноди таваллуди кӯдак бо тартиби муқаррарнамудаи қисми 1 ҳамин модда дохил карда мешавад. Маълумот дар бораи падари кӯдак дар ҳолатҳои зерин ворид карда мешавад:

1) дар асоси сабти асноди муқаррар намудани падарӣ;

2) бо аризаи модари кӯдак, дар ҳолате ки агар падарӣ муқаррар нашуда бошад.

4. Дар ҳолати дар ақди никоҳ набудани модар бо падари кӯдак ва агар падарӣ муқаррар нашуда бошад, насаби падари кӯдак бо насаби модар, ном ва номи падари падари кӯдак бо хоҳиши модар дар асоси аризаи хаттии ӯ сабт карда мешавад. Маълумоти воридкардашуда барои ҳалли масъалаи муқаррар намудани падарӣ монеа шуда наметавонад. Маълумот дар бораи падари кӯдак метавонад дар сабти таваллуди кӯдак бо хоҳиши модар дарҷ карда нашавад.

**Моддаи 20 . Номи шахс ва тартиби сабти насаб, ном ва номи падар**

1. Ҳар шахс дар мавриди бақайдгирии давлатии таваллуд ба насаб, ном ва номи падар ҳуқуқ дорад. Номгузорӣ ва шакли дурусти навишти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи фарҳанг, анъанаҳои миллӣ ва феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, амалӣ мегардад.

2. Насаби шахс дар вақти бақайдгирии давлатии таваллуд бе истифодаи пасвандҳои -ов, -ова, -ев, -ева сабт карда мешавад. Насаби шахс тибқи анъанаҳои миллии тоҷикӣ метавонад аз ном ё насаби падар ё решаи онҳо, насаби модар ё решаи насаби ӯ, ном ё насаби бобо, номи падари бобо бо иловаи пасвандҳои насабсози -ӣ, -зод, -зода, -он, -ён, -иён, -ёр, -ниё, -фар, -пур, -духт ташаккул ёбад. Насаби шахс ҳамчунин метавонад бе илова намудани пасвандҳои насабсоз ташаккул ёбад.

3. Номи кӯдак бо мувофиқаи падару модар тибқи талаботи қисми 1 ҳамин модда сабт карда мешавад. Ба кӯдак гузоштани номи ба фарҳанги миллии тоҷикӣ бегона, номи ашё, мол, ҳайвонот ва парандагон, инчунин ном ва ибораҳои таҳқиромез, ки шаъну шарафи инсонро паст мезананд ва одамонро ба табақаҳо ҷудо менамоянд, манъ аст. Ба номи шахс илова кардани тахаллусҳои «мулло», «халифа», «тӯра», «хоҷа», «ҳоҷӣ», «хӯҷа», «шайх», «валӣ», «охун», «амир», «суфӣ» ва ба инҳо монанд, ки боиси тафриқаандозӣ дар байни одамон мегарданд, манъ аст.

4. Номи падар аз номи падари кӯдак ё решаи он бо иловаи пасвандҳои ташаккулдиҳандаи -зод, -зода, -ёр, -фар, -пур, -духт ва (ё) бе иловаи чунин пасвандҳо ташаккул ёфта, сабти он ихтиёрӣ мебошад. Истифодаи пасвандҳои -овна, -евна, -ович, -евич дар номи падар манъ аст.

5. Дар ташаккулёбии насаб ва номи падар такроран истифода бурдани як пасванд, инчунин истифодаи як ном бе иловаи пасванд ҳам дар ташаккули насаб ва ҳам дар ташаккули номи падар манъ аст.

6. Дар сурати мавҷуд набудани розигии байни падару модар насаб, ном ва (ё) номи падари кӯдак дар китобҳои бақайдгирии давлатии сабти таваллуди кӯдак аз рӯйи қарори мақомоти васояту парасторӣ сабт карда мешавад.

7. Дар ҳолати дар ақди никоҳ набудани модар бо падари кӯдак ва агар падарӣ муқаррар нашуда бошад, насаб, ном ва номи падари кӯдак бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 19 Қонуни мазкур ба қайд гирифта мешавад.

8. Тарзи навишти насаб, ном ва номи падар дар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба роҳ монда мешавад. Агар дар насаби интихобшуда қаблан ба ғалат роҳ дода шуда бошад, он бо феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ мувофиқ карда шуда, ба қайд гирифта мешавад.

9. Ҳуқуқи ақаллиятҳои миллӣ ба насаб, ном ва номи падар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи анъанаҳои миллии онҳо кафолат дода мешавад. Намояндагони ақаллиятҳои миллӣ бо хоҳиши худ метавонанд номгузории кӯдаконашонро тибқи феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ амалӣ намоянд. Тартиби навишти насаб, ном ва номи падари намояндагони ақаллиятҳои миллӣ мутобиқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ амалӣ карда мешавад. Истифодаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба номгузорӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

10. Дар сурати гуногун будани миллати падару модар насаби кӯдак бо мувофиқаи падару модар бо насаби падар ё модар тибқи талаботи қисми 9 ҳамин модда сабт карда мешавад.

**Моддаи 21. Бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдаки ёфтшуда (партофташуда)**

1. Мақомоти корҳои дохилӣ, васояту парасторӣ, ташкилотҳои тиббӣ ва (ё) тарбиявӣ, ки кӯдаки ёфтшуда (партофташуда) дар он ҷо ҷойгир карда шудааст, уҳдадоранд дар муддати на дертар аз ҳафт рӯз аз рӯзи ёфт шудани кӯдаке, ки падару модараш маълум нест, дар бораи бақайдгирии давлатии таваллуди ӯ ба мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи ёфт шудани кӯдак хабар диҳанд. Шахсе, ки кӯдакро ёфтааст, уҳдадор аст дар муддати чилу ҳашт соат ба мақомоти корҳои дохилӣ ё ба мақомоти васоят ё парастории ҷойи ёфт шудани кӯдак хабар диҳад.

2. Якҷо бо аризаи бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдаки ёфтшуда (партофташуда) бояд ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда шаванд:

1) ҳуҷҷати ёфт шудани кӯдак, ки аз тарафи мақомоти корҳои дохилӣ ё мақомоти васояту парасторӣ дода шудааст, ки дар он ҷой, вақт ва ҳолатҳои ёфт шудани кӯдак нишон дода шудаанд;

2) ҳуҷҷати тасдиқкунандаи синну сол ва ҷинси кӯдаки ёфтшуда (партофташуда), ки аз тарафи ташкилоти тиббӣ дода шудааст.

3. Маълумот дар бораи насаб, ном ва номи падари кӯдаки ёфтшуда (партофташуда) ба сабти асноди таваллуди кӯдак бо нишондоди мақомот ё ташкилотҳои дар қисми 1 ҳамин модда пешбинишуда тибқи моддаи 20 Қонуни мазкур ворид карда мешаванд. Маълумот дар бораи падару модари кӯдаки ёфтшуда (партофташуда) ба сабти асноди таваллуди ӯ ворид карда намешаванд.

**Моддаи 22. Бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдаки мурда таваллудшуда ва (ё) дар ҳафтаи аввали баъд аз таваллуд вафоткарда**

1. Бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдаке, ки мурда таваллуд шудааст, дар асоси ҳуҷҷати шакли муқарраршуда дар бораи вафот, ки аз тарафи ташкилоти тиббӣ ё табиби ба фаъолияти хусусии тиббӣ машғулбуда дода шудааст, анҷом дода мешавад. Шаҳодатномаи таваллуди кӯдаки мурда таваллудшуда дода намешавад. Бо хоҳиши падару модар (яке аз онҳо) ҳуҷҷате дода мешавад, ки воқеияти бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдаки мурдаро тасдиқ мекунад. Бақайдгирии давлатии вафоти кӯдаке, ки мурда таваллуд шудааст, гузаронда намешавад.

2. Агар кӯдак дар ҳафтаи аввали баъд аз таваллуд вафот карда бошад, таваллуд ва вафоти ӯ ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд. Бақайдгирии давлатии таваллуд ва вафоти кӯдаки дар ҳафтаи аввали таваллуд вафоткарда дар асоси ҳуҷҷати шакли муқарраршуда дар бораи таваллуд, ки аз тарафи ташкилоти тиббӣ ё табиби ба фаъолияти хусусии тиббӣ машғулбуда дода шудааст, гузаронда мешавад. Дар асоси сабти асноди тартибдодашуда дар бораи таваллуд ва вафот танҳо шаҳодатномаи вафоти кӯдак дода мешавад. Бо хоҳиши падару модар (яке аз онҳо) ҳуҷҷати тасдиқкунандаи воқеияти қайди давлатии таваллуди кӯдаке, ки дар ҳафтаи аввали баъд аз таваллуд вафот кардааст, дода мешавад.

3. Уҳдадорӣ барои арз намудан ба мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ оид ба таваллуди кӯдаки мурда таваллудшуда ё дар ҳафтаи аввали баъд аз таваллуд вафоткарда ба зиммаи инҳо гузошта мешавад:

1) роҳбари ташкилоти тиббӣ, ки кӯдак дар он таваллуд шудааст ё вафот кардааст;

2) роҳбари ташкилоти тиббие, ки табиби он воқеияти таваллуди кӯдаки мурда таваллудшуда ё кӯдаки дар ҳафтаи аввали баъд аз таваллуд вафоткардаро муқаррар кардааст, ё дар сурати таваллуди кӯдак берун аз ташкилоти тиббӣ, табиби ба фаъолияти хусусии тиббӣ машғулбуда онро муқаррар кардааст.

4. Ариза дар бораи бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдаки мурда таваллудшуда ё дар ҳафтаи аввали баъд аз таваллуд вафоткарда бояд на дертар аз се рӯз аз рӯзи муқаррар шудани воқеияти таваллуди кӯдаки мурда таваллудшуда ё воқеияти дар ҳафтаи аввали баъд аз таваллуд вафот кардани кӯдак тартиб дода шавад.

**Моддаи 23. Бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдаки ба синни як расида ё аз он калонтар**

1. Бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдаки ба синни як расида ё аз он калонтар дар асоси аризаи падару модар (яке аз онҳо) ё шахсони манфиатдор, дар сурати мавҷуд будани ҳуҷҷати шакли муқарраршуда дар бораи таваллуд, ки аз тарафи ташкилоти тиббӣ ё табиби ба фаъолияти хусусии тиббӣ машғулбуда дода шудааст, амалӣ карда мешавад. Ҳангоми бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдаки ба синни як расида ё аз он калонтар (то ҳаждаҳсола) маълумотнома дар бораи мавҷуд набудани ҳуҷҷатҳои ӯ аз ҷониби бойгонии мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии маҳалли истиқомати доимӣ ва будубоши муваққатии падару модари кӯдак ва ҷойи таваллуди кӯдак, пешниҳод карда мешавад. Маълумотномаи бойгонии мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ барои кӯдаки аз синни як то се дар асоси санҷиши давраи як соли пеш аз таваллуд то рӯзи муроҷиат, барои кӯдаки аз синни се то панҷ дар асоси санҷиши давраи ду соли пеш аз таваллуд то рӯзи муроҷиат ва барои кӯдаки синни панҷ ва аз он калонтар дар асоси санҷиши мӯҳлати панҷсола (соли таваллуди кӯдак, ду соли пеш ва ду соли баъди таваллуди ӯ) тартиб дода мешавад. Қайди давлатии таваллуди кӯдаки ба синни як расида ё аз он калонтар танҳо аз тарафи мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии шаҳр (ноҳия) гузаронда мешавад.

2. Бақайдгирии давлатии таваллуди шахси болиғ дар асоси аризаи худи ӯ гузаронда мешавад. Дар ин маврид, дар баробари ариза, ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1) маълумотнома аз мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи таваллуд ва воҳиди сохтории дахлдори Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) шаҳодатномаи ақди никоҳи падару модар;

3) нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти падару модар.

3. Мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ парвандаро оид ба бақайдгирии таваллуди шахси болиғ омода намуда, барои санҷиши шахсияти зикргардида онро ба мақомоти корҳои дохилии маҳалли зисти шахс мефиристад. Пас аз гирифтани ҷавоби хаттии натиҷаи санҷиш мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ оид ба қонеъ ё рад намудани муроҷиати воридгашта хулоса таҳия менамояд.

4. Дар сурати мавҷуд набудани ҳуҷҷати шакли муқарраршуда дар бораи таваллуд, қайди давлатии таваллуди кӯдаки ба синни як расида ва (ё) аз он калонтар дар асоси санади судӣ дар бораи муқаррар намудани воқеияти таваллуд ба ҷо оварда мешавад.

5. Ариза дар бораи бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдаки ба синни як расида ва (ё) аз он калонтар аз лаҳзаи додани ариза дар мӯҳлатҳои зерин баррасӣ гардида, аз натиҷаи он шаҳодатномаи таваллуд дода мешавад ва (ё) қарор дар бораи рад кардани додани шаҳодатномаи таваллуд қабул карда мешавад:

1) дар муддати панҷ рӯзи корӣ ба кӯдаки аз яксола боло;

2) дар муддати бист рӯзи корӣ ба шахси болиғ.

**Моддаи 24. Муҳтавои сабти асноди таваллуд**

1. Ба сабти асноди таваллуд маълумоти зерин ворид карда мешаванд:

1) насаб, ном, номи падар, миллат, ҷинс, сана ва ҷойи таваллуди кӯдак, кӯдаки зинда ва (ё) мурда таваллудшуда;

2) шумораи кӯдакони таваллудшуда (якто, дугоник ва (ё) аз ду зиёда кӯдак);

3) дар бораи чандум фарзанди модар будани кӯдаки таваллудшуда;

4) дар бораи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи воқеияти таваллуди кӯдак;

5) насаб, ном, номи падар, санаи таваллуд, шаҳрвандӣ, миллат ва маҳалли истиқомати падару модар (яке аз онҳо);

6) дар бораи ҳуҷҷате, ки барои ворид намудани маълумот дар бораи падар асос шуда метавонад;

7) насаб, ном, номи падар ва маҳалли истиқомати аризадиҳанда ва (ё) ном ва маҳалли ҷойгиршавии мақомот ё ташкилоте, ки дар бораи таваллуди кӯдак хабар додааст;

8) рақам ва силсилаи шаҳодатномаи додашуда дар бораи таваллуд;

9) рақам ва санаи тартиб додани сабт;

10) номи мақоми бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки сабтро тартиб додааст.

2. Дар сурати таваллуд шудани дугоник ва (ё) аз ду зиёда кӯдак дар як вақт, ба ҳар кадоми онҳо бо нишон додани пайдарҳамии таваллуди онҳо асноди алоҳида тартиб дода мешаванд.

3. Дар сурати мурда таваллуд шудани дугоник ва (ё) аз ду зиёда кӯдак, асноди алоҳида тартиб дода мешаванд.

4. Дар сурати мурда таваллуд шудани кӯдак, маълумот дар бораи ном ва номи падари ӯ ба сабти асноди таваллуд ворид карда намешаванд.

**Моддаи 25. Шаҳодатномаи таваллуд**

Шаҳодатномаи таваллуд дорои маълумоти зерин мебошад:

1) насаб, ном, номи падар (дар ҳолати будан), ҷинс, сана ва ҷойи таваллуди кӯдак;

2) насаб, ном, номи падар (дар ҳолати будан), миллат ва шаҳрвандии падару модар (яке аз онҳо);

3) санаи тартиб додан ва рақами қайди сабти асноди таваллуд;

4) ҷойи бақайдгирии давлатии таваллуд (номи мақоме, ки асноди ҳолати шаҳрвандиро ба қайди давлатӣ гирифтааст);

5) силсила, рақам ва санаи дода шудани шаҳодатномаи таваллуд.

### БОБИ 3.
### БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ ВАФОТ

**Моддаи 26. Асосҳо барои бақайдгирии давлатии вафот**

Асосҳо барои бақайдгирии давлатии вафот инҳо мебошанд:

1) ҳуҷҷати шаклаш муқарраршуда оид ба вафот, ки аз тарафи ташкилоти тиббӣ ё табиби ба фаъолияти хусусии тиббӣ машғулбуда дода шудааст;

2) санади судӣ, ки эътибори қонунӣ пайдо кардааст.

**Моддаи 27. Бақайдгирии давлатии вафот**

1. Бақайдгирии давлатии вафот аз ҷониби мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар маҳалли истиқомати охирини шахси вафоткарда, маҳалли вафот, маҳалли ёфт шудани ҷасади шахси вафоткарда ё дар маҳалли ҷойгиршавии суде, ки санади судӣ оид ба муқаррар намудани воқеияти вафот ё вафоткарда эълон намудани шахсро баровардааст, гузаронда мешавад.

2. Бақайдгирии давлатии вафоти шахсоне, ки зиёда аз як сол пеш вафот кардаанд, инчунин шахсоне, ки вафоткарда эълон шудаанд, аз ҷониби мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии шаҳр (ноҳия) бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур сурат мегирад.

3. Санае, ки бо санади судӣ муқаррар карда шудааст, рӯзи вафот ҳисоб карда мешавад ва агар дар санади судӣ чунин сана нишон дода нашуда бошад, санаи эътибор пайдо кардани санади судӣ нишон дода мешавад.

4. Агар шахс дар қатора, ҳавопаймо ва (ё) дигар воситаи нақлиёт ҳангоми сафар вафот карда бошад, қайди давлатии вафот дар мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандие, ки дар ҳудуди маҳалли аз воситаи нақлиёт фаровардани шахси вафоткарда ҷойгир шудааст, гузаронда шуда метавонад.

5. Дар вақти қайди вафоти шахсони номаълум (шахсони шинохтанашуда) дар аснод танҳо ҳамон маълумоти барои қайд зарур навишта мешаванд, ки дар хулосаи экспертизаи судии тиббӣ дарҷ шуда бошанд.

6. Мақомоте, ки бақайдгирии вафотро амалӣ менамоянд, уҳдадоранд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаро оид ба анҷом додани бақайдгирӣ огоҳ созанд.

**Моддаи 28. Бақайдгирии давлатии вафоти хизматчиёни ҳарбӣ**

1. Вафоти хизматчиёни ҳарбӣ бо тартиби умумӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.

2. Дар замони амалиёти ҳарбӣ тартиби махсуси қайди вафоти хизматчиёни ҳарбӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 29. Ариза дар бораи вафот**

1. Ба мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар бораи вафоти шахс дар шакли хаттӣ уҳдадоранд арз намоянд:

1) ҳамсар, дигар аъзои оилаи шахси вафоткарда, инчунин шахсе, ки дар вақти вафот кардани шахс ҳузур дошт ва (ё) дар бораи вафоти шахс хабар дорад;

2) ташкилоти тиббӣ ё ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ки шахс ҳангоми дар он ҷо қарор доштанаш вафот карда бошад;

3) муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, агар маҳкумшуда ҳангоми адо кардани ҷазои ҷиноятӣ дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ вафот карда бошад;

4) мақомоти таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ, дар сурате ки агар оид ба марги шахс ё оид ба воқеияти марг тафтиш бурда шавад ва шахсияти вафоткарда муайян нашуда бошад;

5) командири қисми ҳарбӣ, агар шахс дар давраи адо намудани хизмати ҳарбӣ вафот карда бошад.

2. Ариза дар бораи вафоти шахс бояд на дертар аз се рӯз аз рӯзи фаро расидани марг ва (ё) аз рӯзи ёфт шудани ҷасади вафоткарда пешниҳод карда шавад. Гузарондани мӯҳлати муқарраршуда барои рад кардани бақайдгирии давлатии вафот аз тарафи мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ асос шуда наметавонад.

3. Мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ бақайдгирии давлатии вафотро дар рӯзи муроҷиат (дар ҳолати мавҷуд будани ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ) ва бақайдгирии давлатии вафоти шахсонеро, ки зиёда аз як сол пеш вафот кардаанд, инчунин шахсонеро, ки вафоткарда эълон шудаанд, дар давоми панҷ рӯзи корӣ анҷом медиҳанд.

**Моддаи 30. Муҳтавои сабти асноди вафот**

Ба сабти асноди вафот маълумоти зерин ворид карда мешаванд:

1) насаб, ном, номи падар, сана ва ҷойи таваллуд, ҷинс, шаҳрвандӣ, сана ва ҷойи вафот ва қайдҳои махсус;

2) сабаби вафот (дар асоси ҳуҷҷати тасдиқкунандаи воқеияти вафот);

3) маълумоти тасдиқкунандаи воқеияти вафот;

4) насаб, ном, номи падар, маҳалли истиқомати муроҷиаткунанда ва (ё) ном ва маҳалли ҷойгиршавии мақомот, ташкилот ё муассисае, ки дар бораи вафот арз кардааст;

5) насаб, ном, номи падар, маҳалли истиқомати шахсе, ки ба ӯ шаҳодатномаи вафот дода шудааст;

6) силсила ва рақами шаҳодатномаи вафот;

7) рақам ва санаи тартиб додани сабт;

8) номи мақоми бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки сабтро тартиб додааст.

**Моддаи 31. Шаҳодатномаи вафот**

Шаҳодатномаи вафот маълумоти зеринро дар бар мегирад:

1) насаб, ном, номи падар (дар ҳолати будан), сана ва ҷойи таваллуд, шаҳрвандӣ, сана, ҷой ва сабаби вафот;

2) санаи тартиб додан ва рақами сабти асноди вафот;

3) ҷойи бақайдгирии давлатии вафот (номи мақоме, ки асноди ҳолати шаҳрвандиро ба қайди давлатӣ гирифтааст);

4) силсила, рақам ва санаи додани шаҳодатномаи вафот.

### БОБИ 4.
### БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ АҚДИ НИКОҲ

**Моддаи 32. Асос барои бақайдгирии давлатии ақди никоҳ**

Асос барои бақайдгирии давлатии ақди никоҳ аризаи муштараки шахсони никоҳшаванда ба ҳисоб меравад.

**Моддаи 33. Ҷойи бақайдгирии давлатии ақди никоҳ**

1. Ақди никоҳ аз тарафи мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ мувофиқи хоҳиши шахсони никоҳшаванда дар маҳалли истиқомати яке аз онҳо ё маҳалли истиқомати падару модари онҳо ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.

2. Ақди никоҳи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат мекунанд, дар муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.

**Моддаи 34. Ариза дар бораи ақди никоҳ**

1. Шахсони никоҳшаванда ба мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ аризаи хаттии муштарак оид ба бастани ақди никоҳ пешниҳод менамоянд. Дар аризаи онҳо бояд розигии тарафҳо барои бастани ақди никоҳ ва мавҷуд набудани монеаҳои ақди никоҳ, ки моддаи 14 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, қайд шуда бошанд. Дар аризаи муштараки онҳо инчунин бояд маълумоти зерин нишон дода шаванд:

1) насаб, ном, номи падар, сана ва ҷойи таваллуд, шаҳрвандӣ, миллат, маҳалли истиқомати шахсони никоҳшаванда;

2) насабе, ки шахсони никоҳшаванда барои худ интихоб менамоянд;

3) оид ба ҳуҷҷатҳое, ки шахсияти шахсони никоҳшавандаро тасдиқ менамоянд.

2. Шахсони никоҳшаванда дар аризаи муштарак оид ба бастани ақди никоҳ имзо мегузоранд ва санаи тартиб додани онро қайд менамоянд.

3. Дар баробари аризаи муштарак дар бораи бастани ақди никоҳ, ҳуҷҷатҳои зерин низ пешниҳод карда мешаванд:

1) ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти шахсони никоҳшаванда;

2) ҳуҷҷати тасдиқкунандаи беэътибор донистан ё шаҳодатномаи бекор кардани ақди никоҳи қаблӣ ва (ё) нусхаи шаҳодатномаи вафот (дар сурати вафоти яке аз ҳамсарон) агар шахс (шахсон) пеш аз ин дар ақди никоҳи дигар бошад;

3) ҳуҷҷати тасдиқкунандаи муоинаи тиббии ҳатмии шахсони никоҳшаванда;

4) санади судии эътибори қонунӣ пайдокарда дар хусуси кам кардани синни никоҳӣ, дар сурате ки агар шахсони никоҳшаванда ноболиғ буда, тибқи қисми 2 моддаи 13 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба синни никоҳӣ нарасида бошанд;

5) нусхаи шаҳодатномаҳои таваллуд ё маълумотнома дар бораи мавҷудияти сабти таваллуди шахсони никоҳшаванда бо нишон додани насаб, ном ва номи падари падару модари онҳо;

6) агар яке аз тарафҳои никоҳшаванда шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд бошад, ҳуҷҷати тасдиқкунандаи истиқомат дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳдномаи никоҳ.

4. Агар яке аз шахсони никоҳшаванда ба мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ барои додани аризаи муштарак, ки дар қисми 1 ҳамин модда пешбинӣ шудааст, имконияти ҳозир шуданро надошта бошад, изҳори иродаи шахсони никоҳшаванда метавонад дар асоси аризаҳои алоҳидаи пешниҳоднамудаи онҳо ба расмият дароварда шавад.

**Моддаи 35. Тартиби бақайдгирии давлатии ақди никоҳ**

1. Бақайдгирии давлатии ақди никоҳ пас аз гузаштани як моҳ аз рӯзи ба мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ додани аризаи муштараки шахсоне, ки хоҳиши бастани ақди никоҳро доранд, ба ҷо оварда мешавад. Дар сурати тибқи қисми 4 моддаи 34 Қонуни мазкур алоҳида пешниҳод шудани аризаи никоҳшавандагон, бақайдгирии давлатии ақди никоҳ пас аз гузаштани як моҳ аз рӯзи ба мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ пешниҳод гардидани аризаи дуюм ба ҷо оварда мешавад.

2. Мақоми бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки аризаро дар бораи бастани ақди никоҳ қабул намудааст, уҳдадор аст шахсони никоҳшавандаро бо тартиб ва шартҳои бақайдгирии давлатии ақди никоҳ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо ҳамчун ҳамсарони оянда шинос намуда, онҳоро оид ба оқибатҳои пинҳонкунии маълумоте, ки барои бақайдгирии давлатии ақди никоҳ монеа мегарданд, огоҳ намояд.

3. Дар асоси аризаи муштараки шахсони никоҳшаванда мӯҳлати муқаррарнамудаи қисми 1 ҳамин модда тағйир дода шуда, бақайдгирии давлатии ақди никоҳ то гузаштани як моҳ ва (ё) на дертар аз се моҳ аз рӯзи додани ариза дар бораи бақайдгирии давлатии ақди никоҳ ба ҷо оварда мешавад.

4. Бақайдгирии давлатии ақди никоҳ дар ҳузури шахсони никоҳшаванда ба ҷо оварда мешавад.

5. Бо хоҳиши шахсони никоҳшаванда бақайдгирии давлатии ақди никоҳ дар вазъияти ботантана дар бинои мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва берун аз он сурат мегирад. Хонаҳои ақди никоҳ маросими бақайдгирии давлатии ақди никоҳро дар вазъияти ботантана танҳо дар дохили биноҳои худ амалӣ менамоянд.

6. Дар ҳолате ки агар шахсони никоҳшаванда (яке аз онҳо) бо сабаби беморӣ ё дигар сабабҳои узрнок ба мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ ҳозир шуда натавонанд, бақайдгирии давлатии ақди никоҳ дар хона, ташкилоти тиббӣ ва (ё) дар дигар ташкилот дар ҳузури шахсони никоҳшаванда сурат мегирад.

7. Бақайдгирии давлатии ақди никоҳ бо шахсе, ки дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ мӯҳлати ҷазоро адо менамояд, дар ҷое, ки роҳбари муассисаи дахлдор бо мувофиқаи роҳбари мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ муайян намудааст, ба ҷо оварда мешавад.

8. Дар сурати риоя нашудани шартҳои ақди никоҳ ва мавҷуд будани монеаҳои ақди никоҳ, ки дар моддаҳои 12 ва 14 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, ақди никоҳ ба қайди давлатӣ гирифта намешавад.

**Моддаи 36. Тартиби сабт кардани насаби ҳамсарон ҳангоми бақайдгирии давлатии ақди никоҳ**

1. Зану шавҳар ҳангоми бақайдгирии давлатии ақди никоҳ метавонанд насаби якеро ҳамчун насаби умумӣ бо риояи моддаи 20 Қонуни мазкур интихоб намоянд ё насаби то ақди никоҳ доштаро нигоҳ доранд. Дар сурати тағйир ёфтани насаб дар асоси сабти асноди ақди никоҳ, ворид намудани маълумот ба сабти асноди дигар бо риояи боби 9 Қонуни мазкур ба ҷо оварда мешавад.

2. Ба сифати насаби умумии ҳамсарон метавонад насабе навишта шавад, ки бо роҳи илова кардани насаби яке аз ҳамсарон ба насаби ҳамсари дигар ташаккул ёфтааст. Агар ҳар ду ё яке аз ҳамсарон насаби дутаркиба дошта бошанд, ба ҳам пайвастани насабҳо манъ аст.

3. Ивазшавии насаби яке аз ҳамсарон боиси иваз шудани насаби ҳамсари дигар намегардад.

**Моддаи 37. Муҳтавои сабти асноди ақди никоҳ**

Ба сабти асноди ақди никоҳ маълумоти зерин ворид карда мешаванд:

1) насаб, ном, номи падар (то ва баъд аз бастани ақди никоҳ), сана ва ҷойи таваллуд, шаҳрвандӣ, миллат, вазъи оилавӣ, маълумот дар бораи кӯдакони умумӣ, санаи бақайдгирии бастани ақди никоҳ, маҳалли истиқомати ҳар кадоме аз шахсони никоҳшаванда;

2) дар бораи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи беэътибор донистан ё қатъ шудани ақди никоҳи қаблӣ, дар сурате ки агар шахс (шахсон)-и никоҳшаванда пештар дар ақди никоҳ қарор дошта бошад;

3) дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсияти шахсони никоҳшаванда;

4) санаи тартиб додан ва рақами сабти асноди ақди никоҳ;

5) силсила ва рақами шаҳодатномаи ақди никоҳи додашуда;

6) номи мақоми бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки сабтро тартиб додааст.

**Моддаи 38. Шаҳодатномаи ақди никоҳ**

Шаҳодатномаи ақди никоҳ маълумоти зеринро дар бар мегирад:

1) насаб (то ва баъд аз бастани ақди никоҳ), ном, номи падар (дар ҳолати будан), сана ва ҷойи таваллуд, шаҳрвандӣ, миллати ҳар кадоме аз шахсони никоҳшаванда;

2) санаи бастани ақди никоҳ;

3) санаи тартиб додан ва рақами сабти асноди ақди никоҳ;

4) ҷойи бақайдгирии давлатии ақди никоҳ (номи мақоме, ки асноди ҳолати шаҳрвандиро ба қайди давлатӣ гирифтааст);

5) силсила, рақам ва санаи додани шаҳодатномаи ақди никоҳ.

### БОБИ 5.
### БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ БЕКОР КАРДАНИ АҚДИ НИКОҲ

**Моддаи 39. Асосҳо барои бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳ**

Асосҳо барои бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳ инҳо мебошанд:

1) аризаи муштараки ҳамсарон дар бораи бекор кардани ақди никоҳ, ки фарзандони умумии ноболиғ надоранд;

2) ариза дар бораи бекор кардани ақди никоҳ, ки аз ҷониби яке аз ҳамсарон дода шудааст ва санади эътибори қонунӣ пайдокардаи суд нисбат ба ҳамсари дигар, агар ӯ аз ҷониби суд бедарак ғоибшуда ё ғайриқобили амал эътироф шуда бошад, ё барои содир намудани ҷиноят ба мӯҳлати зиёда аз се сол ба маҳрум кардан аз озодӣ маҳкум шуда бошад;

3) санади судӣ дар бораи бекор кардани ақди никоҳ, ки эътибори қонунӣ пайдо кардааст.

**Моддаи 40. Маҳалли бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳ**

1. Бекор кардани ақди никоҳ дар мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандии маҳалли истиқомати ҳамсарон (яке аз онҳо) ва (ё) дар ҷойи бақайдгирии давлатии ақди никоҳ ба қайд гирифта мешавад.

2. Дар ҳолати бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳ дар маҳалли истиқомати ҳамсарон (яке аз онҳо) мақоми бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ уҳдадор аст дар муддати даҳ рӯз ба мақоми бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи бақайдгирии давлатии ақди никоҳ оид ба бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳ хабар расонад.

3. Дар сурати бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муассисаи консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаи консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадор аст, ки дар муддати як моҳ аз рӯзи бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳ ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи нигоҳдории асноди ҳолати шаҳрвандӣ оид ба бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳ тибқи тартиби муқарраргардида хабар расонад.

**Моддаи 41. Тартиби бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳ бо аризаи муштараки ҳамсароне, ки фарзандони умумии ноболиғ надоранд**

1. Ҳангоми мавҷуд будани розигии муштараки ҳамсарон барои бекор кардани ақди никоҳ, ки аз ҳамин ақди никоҳ фарзандони умумии ноболиғ надоранд, ақди никоҳ дар мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ бекор карда мешавад.

2. Ҳамсароне, ки хоҳиши бекор кардани ақди никоҳро доранд, ба мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар шакли хаттӣ аризаи муштаракро оид ба бекор кардани ақди никоҳ пешниҳод менамоянд. Ба ариза дар бораи бекор кардани ақди никоҳ нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсияти ҳамсарон, шаҳодатномаи ақди никоҳ ва (ё) ҳангоми гум шудани он нусха аз сабти асноди ақди никоҳ замима карда мешаванд.

3. Дар аризаи муштарак дар бораи бекор кардани ақди никоҳ ҳамсарон бояд розигии ҳамдигарро барои бекор кардани ақди никоҳ, ҳомиладор набудани зан ва надоштани фарзандони умумии ноболиғ тасдиқ намоянд. Инчунин дар аризаи муштараки ҳамсарон дар бораи бекор кардани ақди никоҳ бояд маълумоти зерин нишон дода шаванд:

1) насаб, ном, номи падар, сана ва ҷойи таваллуд, маҳалли истиқомати ҳар кадоме аз ҳамсарон;

2) насабе, ки ҳар яке аз ҳамсарон ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ қабул менамоянд.

4. Ҳамсароне, ки хоҳиши бекор кардани ақди никоҳро доранд, ба аризаи муштарак имзо гузошта, санаи тартиб дода шудани онро нишон медиҳанд.

5. Агар яке аз ҳамсарон имконияти ҳозир шуданро ба мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ барои додани аризаи муштарак, ки дар қисми 2 ҳамин модда пешбинӣ шудааст, надошта бошад, изҳори иродаи онҳо метавонад дар асоси аризаҳои алоҳидаи пешниҳоднамудаашон ба расмият дароварда шавад.

6. Бекор кардани ақди никоҳ ва қайди давлатии бекор кардани он бо гузаштани як моҳ аз рӯзи додани аризаи муштараки ҳамсарон дар бораи бекор кардани ақди никоҳ ба ҷо оварда мешавад. Дар сурати тибқи қисми 5 ҳамин модда алоҳида пешниҳод шудани аризаҳо, бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳ пас аз гузаштани як моҳ аз рӯзи ба мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ пешниҳод гардидани аризаи дуюм ба ҷо оварда мешавад.

**(Давомаш дар саҳ. 4)**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ АСНОДИ ҲОЛАТИ ШАҲРВАНДӢ

**(Идома аз саҳ. 3)**

**Моддаи 42. Тартиби бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳ бо аризаи яке аз ҳамсарон**

1. Дар асоси аризаи яке аз ҳамсарон ақди никоҳ дар мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ бекор карда мешавад, агар ҳамсари дигар:

1) аз ҷониби суд бедарак ғоибшуда эътироф гардида бошад;

2) аз ҷониби суд ғайриқобили амал эътироф шуда бошад;

3) барои содир кардани ҷиноят ба муҳлати зиёда аз се сол ба маҳрум кардан аз озодӣ маҳкум шуда бошад.

2. Ба ариза дар бораи бекор кардани ақди никоҳ нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсияти муроҷиаткунанда, шаҳодатномаи ақди никоҳ ва (ё) ҳангоми гум шудани он нусха аз сабти асноди ақди никоҳ замима карда мешаванд.

3. Мақоми бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки ариза дар бораи бекор кардани ақди никоҳро қабул намудааст, дар муддати се рӯз ҳамсаре, ки ҷазоро дар муассисаҳои ислоҳӣ адо намуда истодааст, ё васии ҳамсари ғайриқобили амал эътирофшуда ва (ё) идоракунандаи молу мулки ҳамсари бедарак ғоибшуда, дар ҳолати мавҷуд набудани ин гуна шахсон, мақомоти васояту парасториро дар бораи ворид шудани ариза ва рӯзи муайяншудаи бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳ хабардор менамояд.

4. Дар сурате ки агар ақди никоҳ бо ҳамсари ғайриқобили амал эътирофшуда ва (ё) бо ҳукми суд барои содир намудани ҷиноят ба муҳлати зиёда аз се сол ба маҳрум кардан аз озодӣ маҳкумшуда бекор карда шавад, дар хабарнома инчунин зарурати то санаи таъиншудаи бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳ хабар додани он насабе, ки шахс мехоҳад пас аз бекор кардани ақди никоҳ қабул намояд, нишон дода мешавад.

5. Бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳ бо аризаи яке аз ҳамсарон бо гузаштани як моҳ аз рӯзи пешниҳод кардани ариза дар бораи бекор кардани ақди никоҳ ба ҷо оварда мешавад.

**Моддаи 43. Тартиби бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳ дар асоси санади судӣ**

1. Бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳ дар асоси санади судӣ дар мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандии маҳалли истиқомати собиқ ҳамсарон (яке аз онҳо) ва (ё) дар ҷойи бақайдгирии давлатии ақди никоҳ дар асоси иқтибос аз санади судӣ ва аризаи собиқ ҳамсарон (яке аз онҳо) ё аризаи васии ҳамсари ғайриқобили амал ба ҷо оварда мешавад.

2. Дар сурате ки агар яке аз собиқ ҳамсарон дар мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ бекор карда шудани никоҳро қайд карда бошад ва ҳамсари дигар ба ҳамин мақомот дертар муроҷиат намояд, иқтибос аз санади судӣ талаб карда намешавад.

3. Бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳ дар асоси санади судӣ дар муддати се рӯзи корӣ аз лаҳзаи додани ариза ба ҷо оварда мешавад.

**Моддаи 44. Нигоҳ доштан ё тағйир додани насаби ҳамсарон пас аз бекор кардани ақди никоҳ**

Ҳамсаре, ки ҳангоми ақди никоҳ насаби худро тағйир додааст, пас аз бекор кардани ақди никоҳ ҳуқуқ дорад насаби мазкурро тағйир надиҳад ё бо талаби ӯ ҳангоми бақайдгирии бекор кардани ақди никоҳ аз тарафи мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба ӯ насаби то ақди никоҳ бо риояи моддаи 20 Қонуни мазкур дода мешавад. Дар сурати тағйир ёфтани насаб дар асоси сабти бекор кардани ақди никоҳ, ворид намудани маълумот ба сабти асноди дигар бо риояи боби 9 Қонуни мазкур ба ҷо оварда мешавад.

**Моддаи 45. Муҳтавои сабти асноди бекор кардани ақди никоҳ**

Ба сабти асноди бекор кардани ақди никоҳ маълумоти зерин ворид карда мешаванд:

1) насаб (то ва баъд аз бекор кардани ақди никоҳ), ном, номи падар, сана ва ҷойи таваллуд, маҳалли истиқомати ҳар кадоме аз шахсоне, ки ақди никоҳашонро бекор намудаанд;

2) санаи тартиб дода шудан, рақами сабти асноди ақди никоҳ ва номи мақоми бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандие, ки дар он бақайдгирии давлатии ақди никоҳ гузаронда шудааст;

3) дар бораи ҳуҷҷатҳое, ки барои бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳ асос шудаанд;

4) санаи қатъ шудани ақди никоҳ;

5) дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсияти шахсоне, ки ақди никоҳашонро бекор намудаанд;

6) силсила ва рақами шаҳодатномаи бекор кардани ақди никоҳ;

7) номи мақоми бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки сабтро тартиб додааст.

**Моддаи 46. Шаҳодатномаи бекор кардани ақди никоҳ**

Шаҳодатномаи бекор кардани ақди никоҳ дорои маълумоти зерин мебошад:

1) насаб (то ва баъд аз бекор кардани ақди никоҳ), ном, номи падар (дар ҳолати будан), сана ва ҷойи таваллуди ҳар яке аз шахсоне, ки ақди никоҳашонро бекор намудаанд;

2) асос барои бекор кардани ақди никоҳ ва санаи он;

3) санаи тартиб дода шудан ва рақами сабти аснод оид ба бекор кардани ақди никоҳ;

4) насаб, ном ва номи падар ва насаби шахсе, ки ба ӯ шаҳодатномаи бекор кардани ақди никоҳ дода мешавад;

5) ҷойи бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳ (номи мақоме, ки асноди ҳолати шаҳрвандиро ба қайди давлатӣ гирифтааст);

6) силсила, рақам ва санаи додани шаҳодатномаи бекор кардани ақди никоҳ.

### БОБИ 6.
### БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ ФАРЗАНДХОНДӢ

**Моддаи 47. Асос барои бақайдгирии давлатии фарзандхондӣ**

Асос барои бақайдгирии давлатии фарзандхондӣ санади судӣ дар бораи фарзандхондии кӯдак, ки эътибори қонунӣ пайдо кардааст, мебошад.

**Моддаи 48. Ҷойи бақайдгирии давлатии фарзандхондӣ**

Бақайдгирии давлатии фарзандхондии кӯдак дар мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи бароварда шудани санади судӣ дар бораи фарзандхондии кӯдак гузаронда мешавад.

**Моддаи 49. Ариза дар бораи бақайдгирии давлатии фарзандхондӣ**

1. Бақайдгирии давлатии фарзандхондии кӯдак дар асоси аризаи хаттии ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда) дар муддати се рӯзи корӣ аз лаҳзаи додани ариза гузаронда шуда, ба мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи таваллуди кӯдак хабарнома ирсол карда мешавад.

2. Дар баробари ариза, бояд санади судӣ дар бораи фарзандхондии кӯдак ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсияти ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда) пешниҳод карда шаванд.

3. Агар дар давоми як моҳи баъд аз эътибори қонунӣ пайдо кардани санади судӣ оид ба фарзандхондӣ шахсони дар қисми 1 ҳамин модда пешбинигардида бо ариза муроҷиат накунанд, мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи бароварда шудани санади судӣ бақайдгирии давлатии фарзандхондиро анҷом медиҳад.

**Моддаи 50. Муҳтавои сабти асноди фарзандхондӣ**

1. Ба сабти асноди фарзандхондӣ маълумоти зерин ворид карда мешаванд:

1) насаб, ном, номи падар, сана ва ҷойи таваллуд ва миллати кӯдак (то ва баъд аз фарзандхондӣ);

2) насаб, ном, номи падар, шаҳрвандӣ, миллати падару модар (яке аз онҳо);

3) санаи тартиб додан, рақами сабти асноди таваллуд ва номи мақоме, ки аз тарафи он бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдак гузаронда шудааст;

4) насаб, ном, номи падар, шаҳрвандӣ, миллат, маҳалли истиқомати ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда);

5) маълумоти санади судӣ дар бораи фарзандхондии кӯдак;

6) силсила ва рақами шаҳодатномаи додашуда дар бораи фарзандхондӣ;

7) номи мақоми бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки сабтро тартиб додааст.

2. Агар бо санади судӣ дар бораи фарзандхондии кӯдак ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда) ҳамчун падару модари (яке аз онҳо) кӯдак сабт карда шаванд, чунин маълумот ба сабти асноди фарзандхондӣ ворид карда мешавад.

**Моддаи 51. Шаҳодатномаи фарзандхондӣ**

Шаҳодатномаи фарзандхондӣ дорои маълумоти зерин мебошад:

1) насаб, ном, номи падар (дар ҳолати будан), сана ва ҷойи таваллуди кӯдак (то ва баъд аз фарзандхондӣ);

2) насаб, ном, номи падар (дар ҳолати будан), шаҳрвандӣ, миллати ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда);

3) санаи тартиб додан ва рақами сабти асноди фарзандхондӣ;

4) ҷойи бақайдгирии давлатии фарзандхондии кӯдак (номи мақоме, ки асноди ҳолати шаҳрвандиро ба қайди давлатӣ гирифтааст);

5) силсила, рақам ва санаи додани шаҳодатномаи фарзандхондӣ.

**Моддаи 52. Тағйир додани сабти асноди таваллуд бо сабаби фарзандхондӣ**

1. Дар асоси сабти асноди фарзандхондӣ ба сабти асноди таваллуди кӯдак тағйироти дахлдор ворид карда мешаванд. Тағйир додани насаб, ном, номи падари кӯдак бо риояи моддаи 20 Қонуни мазкур сурат мегирад.

2. Агар бо санади судӣ оид ба фарзандхондӣ сана ва (ё) ҷойи таваллуди кӯдак иваз карда шуда, бо хоҳиши ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда) сабти асноди нав дар бораи таваллуди кӯдак тартиб дода мешавад. Маълумот дар бораи тартиб додани сабти асноди нав дар сабти қаблии асноди таваллуди кӯдак қайд карда мешавад.

3. Дар сурате ки сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар мақомоти дигари бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ нигоҳ дошта шуда бошад, мақомоти бақайдгирандаи таваллуди кӯдак тибқи хабарномаи мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи бароварда шудани санади судӣ дар бораи фарзандхондӣ дар муҳлати се рӯз амалҳои дар қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда пешбинишударо анҷом дода, шаҳодатномаи нави таваллудро ирсол менамояд.

4. Мақоми бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи бароварда шудани санади судӣ дар бораи фарзандхондӣ дар муҳлати се рӯз амалҳои дар қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда пешбинишударо анҷом дода, дар муҳлати як рӯз шаҳодатномаи нави таваллудро медиҳад.

**Моддаи 53. Нигоҳ доштани маълумот дар бораи падару модар (яке аз онҳо) дар сабти асноди таваллуди кӯдаки фарзандхондшуда**

Агар дар санади судӣ оид ба фарзандхондии кӯдак дар бораи нигоҳ доштани муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии кӯдаки фарзандхондшуда бо падару модари ӯ (яке аз онҳо) нишон дода шуда бошад, маълумот дар бораи падару модари кӯдак (яке аз онҳо), ки дар сабти асноди таваллуди кӯдак нишон дода шудаанд, тағйир дода намешаванд.

**Моддаи 54. Тағйир додани сабти асноди таваллуд бо сабаби бекор кардани фарзандхондӣ**

Дар асоси санади судӣ дар бораи бекор кардани фарзандхондии кӯдак ба сабти асноди фарзандхондӣ маълумот дар бораи бекор кардани фарзандхондӣ ворид карда шуда, маълумоти аввала бо риояи моддаи 20 Қонуни мазкур дар сабти асноди таваллуд барқарор карда мешаванд. Шаҳодатномаи таваллуди кӯдак, ки пештар дода шуда буд, бекор шуда, шаҳодатномаи нави таваллуди кӯдак бо дар назар доштани тағйироти ба сабти асноди таваллуд воридгардида дода мешавад.

**Моддаи 55. Таъмин намудани сирри фарзандхондии кӯдак аз тарафи мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ**

1. Сирри фарзандхондии кӯдакро қонун ҳифз мекунад.

2. Кормандони мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ бе розигии ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда) ва дар сурати вафоти онҳо, бе розигии мақомоти васояту парасторӣ ҳуқуқ надоранд оид ба фарзандхондӣ ягон маълумот диҳанд ва ҳуҷҷатҳо пешкаш кунанд, ки аз муҳтавои онҳо падару модари (яке аз онҳо) кӯдаки фарзандхондшуда набудани ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда) маълум мегардад.

### БОБИ 7.
### БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ МУҚАРРАР НАМУДАНИ ПАДАРӢ

**Моддаи 56. Асосҳо барои бақайдгирии давлатии муқаррар намудани падарӣ**

Асосҳо барои бақайдгирии муқаррар намудани падарӣ инҳо мебошанд:

1) аризаи муштараки падар ва модари кӯдак дар бораи муқаррар намудани падарӣ, ки дар лаҳзаи таваллуди кӯдак дар ақди никоҳи якдигар қарор надоранд;

2) аризаи падари кӯдак дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 59 Қонуни мазкур;

3) санади судӣ дар бораи муқаррар намудани падарӣ ва (ё) муқаррар намудани воқеияти эътирофи падарӣ, ки эътибори қонунӣ пайдо кардааст.

**Моддаи 57. Ҷойи бақайдгирии давлатии муқаррар намудани падарӣ**

Бақайдгирии давлатии муқаррар намудани падарӣ дар муддати панҷ рӯзи корӣ аз лаҳзаи додани ариза дар мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандии маҳалли истиқомати падар ё модари кӯдак, ки дар лаҳзаи таваллуди кӯдак дар ақди никоҳи якдигар қарор надоранд ва (ё) дар ҷойи бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдак гузаронда мешавад ва дар ҳолати пешбининамудаи моддаи 61 Қонуни мазкур дар мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи бароварда шудани санади судӣ дар бораи муқаррар намудани падарӣ ва (ё) муқаррар намудани воқеияти эътирофи падарӣ гузаронда мешавад. Қайди давлатии муқаррар намудани падарии кӯдаки аз яксола боло танҳо аз тарафи мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи зист (ноҳия) гузаронда мешавад.

**Моддаи 58. Бақайдгирии давлатии муқаррар намудани падарӣ дар асоси аризаи муштараки падар ва модари кӯдак, ки дар лаҳзаи таваллуди кӯдак дар ақди никоҳи якдигар қарор надоранд**

1. Аризаи муштараки падар ва модари кӯдак дар бораи муқаррар намудани падарӣ, ки дар лаҳзаи таваллуди кӯдак дар ақди никоҳи якдигар қарор надоранд, ба мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар шакли хаттӣ дода мешавад.

2. Аризаи муштарак дар бораи муқаррар намудани падарӣ метавонад дар давраи бақайдгирӣ, инчунин баъд аз бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдак дода шавад. Дар сурати дар давраи бақайдгирӣ пешниҳод шудани аризаи муштарак дар бораи муқаррар намудани падарӣ, бақайдгирии давлатии муқаррар намудани падарӣ якҷо бо бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдак гузаронда мешавад.

3. Ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳое, ки асос медиҳанд чунин тахмин карда шавад, ки додани аризаи муштарак дар бораи муқаррар намудани падарӣ пас аз таваллуди кӯдак ғайриимкон ё мушкил мебошад, падару модари кӯдак, ки дар ақди никоҳи ҳамдигар қарор надоранд, метавонанд дар давраи ҳомиладории модар ба мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ бо чунин ариза муроҷиат кунанд. Дар сурати мавҷуд будани чунин ариза, бақайдгирии давлатии муқаррар намудани падарӣ якҷо бо бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдак гузаронда шуда, аризаи нав талаб карда намешавад, агар то гузарондани бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдак аризаи додашуда аз тарафи падар ё модар пас гирифта нашавад.

4. Дар аризаи муштарак оид ба муқаррар намудани падарӣ бояд эътироф намудани падарии шахсе, ки бо модари кӯдак дар ақди никоҳ қарор надорад ва розигии модар ба муқаррар намудани падарӣ тасдиқ карда шуда бошанд.

5. Дар аризаи муштарак бояд маълумоти зерин нишон дода шаванд:

1) насаб, ном, номи падар, сана ва ҷойи таваллуд, шаҳрвандӣ, миллат ва маҳалли истиқомати шахсе, ки худро падари кӯдак эътироф намудааст;

2) насаб, ном, номи падар, ҷинс, сана ва ҷойи таваллуд ва миллати кӯдак, инчунин дар бораи қайди асноди таваллуд (дар вақти муқаррар намудани падарӣ баъд аз қайди таваллуди кӯдак);

3) насаб, ном, номи падар, сана ва ҷойи таваллуд, шаҳрвандӣ, миллат ва маҳалли истиқомати модари кӯдак;

4) насаб, ном ва номи падари кӯдак баъд аз муқаррар намудани падарӣ;

5) дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсияти падару модари кӯдак.

6. Аризадиҳандагон дар аризаи муштарак дар бораи муқаррар намудани падарӣ имзо гузошта, санаи тартиб дода шудани онро нишон медиҳанд. Дар чунин аризаи то таваллуди кӯдак додашуда розигии падару модар дар бораи ба кӯдак додани насаби падар ё модар ва ном (вобаста ба ҷинси кӯдаки таваллудшаванда) тасдиқ карда мешавад.

7. Дар ҳолати муқаррар намудани падарӣ баъд аз таваллуди кӯдак, дар баробари аризаи муштарак дар бораи муқаррар намудани падарӣ, шаҳодатномаи таваллуди кӯдак ва дар сурати додани чунин ариза пеш аз таваллуди кӯдак, ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳомиладории зан, ки аз тарафи ташкилоти тиббӣ ва (ё) аз тарафи табиби дар давраи ҳомиладорӣ занро нигоҳубинкарда дода шудааст, пешниҳод карда мешаванд.

8. Агар падару модар ба мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ барои додани аризаи муштарак, ки дар қисми 1 ҳамин модда пешбинӣ шудааст, имконият надошта бошанд, изҳори иродаи онҳо метавонад дар асоси аризаҳои алоҳидаи пешниҳоднамуда дар бораи муқаррар намудани падарӣ ба расмият дароварда шавад.

**Моддаи 59. Бақайдгирии давлатии муқаррар намудани падарӣ бо аризаи падари кӯдаке, ки дар лаҳзаи таваллуди кӯдак бо модари кӯдак дар ақди никоҳ қарор надорад**

1. Бақайдгирии давлатии муқаррар намудани падарӣ бо аризаи падари кӯдак, ки дар лаҳзаи таваллуди кӯдак бо модари кӯдак дар ақди никоҳ қарор надорад, дар ҳолате ки агар модари кӯдак вафот карда бошад, ғайриқобили амал эътироф шуда бошад, маълумот дар бораи маҳалли қарор доштани модар мавҷуд набошад ва (ё) аз ҳуқуқи модарӣ маҳрум карда шуда бошад, бо розигии мақомоти васояту парасторӣ гузаронда мешавад.

2. Ариза дар бораи муқаррар намудани падарӣ аз тарафи падар ба мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар шакли хаттӣ дода мешавад. Дар чунин ариза бояд воқеияти эътироф намудани падарии шахсе, ки дар лаҳзаи таваллуди кӯдак бо модари кӯдак дар ақди никоҳ қарор надорад ва мавҷуд будани ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 1 ҳамин модда тасдиқ шуда бошанд.

3. Дар ариза дар бораи муқаррар намудани падарӣ бояд маълумоти зерин нишон дода шаванд:

1) насаб, ном, номи падар, сана ва ҷойи таваллуд, шаҳрвандӣ, миллат ва маҳалли истиқомати шахсе, ки худро падари кӯдак эътироф намудааст;

2) насаб, ном, номи падар, ҷинс, сана ва ҷойи таваллуд ва миллати кӯдак, маълумот дар бораи сабти асноди таваллуди ӯ;

3) дар бораи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи вафоти модар, ғайриқобили амал эътироф намудани ӯ, ғайриимкон будани муқаррар намудани маҳалли қарор доштани ӯ ва (ё) аз ҳуқуқи модарӣ маҳрум карда шудани ӯ;

4) насаб, ном ва номи падари кӯдак баъд аз муқаррар намудани падарӣ;

5) дар бораи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти падар.

4. Аризадиҳанда дар ариза имзо гузошта, санаи тартиб дода шудани онро нишон медиҳад.

5. Бо додани чунин ариза, бояд шаҳодатномаи вафоти модар ё нусхаи санади судӣ дар бораи ғайриқобили амал эътироф намудани модар ё маҳрум намудан аз ҳуқуқи модарӣ ва (ё) санади судӣ дар бораи бедарак ғоибшуда эътироф намудани модар ё ҳуҷҷате, ки аз тарафи мақомоти корҳои дохилии маҳалли охирини истиқомати зан, ки ғайриимкон будани муқаррар намудани ҷойи зисти занро тасдиқ менамояд, пешниҳод карда шавад.

6. Бо додани ариза аз тарафи падар дар бораи муқаррар намудани падарӣ нисбат ба шахси ноболиғ, бояд якҷо бо чунин ариза ҳуҷҷати тасдиқкунандаи розигии мақомоти васояту парасторӣ дар бораи муқаррар намудани падарӣ пешниҳод карда шавад.

**Моддаи 60. Бақайдгирии давлатии муқаррар намудани падарӣ нисбат ба шахси болиғ**

Агар бақайдгирии давлатии муқаррар намудани падарӣ нисбат ба шахсе, ки дар рӯзи додани ариза дар бораи муқаррар намудани падарӣ ба балоғат расидааст, гузаронда шавад, тибқи тартиби пешбининамудаи моддаҳои 58 ва 59 Қонуни мазкур, дар баробари ин ариза, розигии шахси болиғ дар бораи муқаррар намудани падарӣ дар шакли хаттӣ пешниҳод карда мешавад. Агар ӯ ғайриқобили амал эътироф шуда бошад, бо чунин ариза розигии васии ӯ ё мақомоти васояту парасторӣ дар шакли хаттӣ пешниҳод карда мешавад. Розигии шахси болиғ метавонад дар аризаи алоҳида ва (ё) тавассути имзои аризаи муштараки падару модар (аризаи падар) баён карда шавад.

**Моддаи 61. Бақайдгирии давлатии муқаррар намудани падарӣ дар асоси санади судӣ**

1. Бақайдгирии давлатии муқаррар намудани падарӣ дар асоси санади судӣ дар бораи муқаррар намудани падарӣ ё муқаррар намудани воқеияти эътирофи падарӣ бо аризаи хаттии модар ё падари кӯдак, васӣ (парастор)-и кӯдак, шахсе, ки дар нигоҳубини ӯ кӯдак қарор дорад, инчунин худи кӯдаки ба балоғатрасида гузаронда мешавад.

2. Маълумот дар бораи падари кӯдак мувофиқи маълумоти дар санади судӣ дар бораи муқаррар намудани падарӣ нишондодашуда ва (ё) муқаррар намудани воқеияти эътирофи падарӣ ба сабти асноди муқаррар намудани падарӣ ворид карда мешаванд.

**Моддаи 62. Рад кардани бақайдгирии давлатии муқаррар намудани падарӣ**

Дар ҳолати мавҷуд будани маълумот оид ба падар дар сабти асноди таваллуди кӯдак бақайдгирии давлатии муқаррар намудани падарӣ рад карда мешавад, ба истиснои ҳолате, ки сабт дар бораи падари кӯдак бо аризаи модар бо тартиби пешбининамудаи қисми 3 моддаи 19 Қонуни мазкур тартиб дода шуда бошад.

**Моддаи 63. Муҳтавои сабти асноди муқаррар намудани падарӣ**

Ба сабти асноди муқаррар намудани падарӣ маълумоти зерин дохил карда мешаванд:

1) насаб, ном, номи падар, сана ва ҷойи таваллуд, шаҳрвандӣ, миллат, маҳалли истиқомати шахсе, ки падари кӯдак эътироф шудааст;

2) насаб, ном ва номи падар (то ва баъд аз муқаррар намудани падарӣ), ҷинс, сана ва ҷойи таваллуд ва миллати кӯдак;

3) санаи тартиб дода шудан, рақами сабти асноди таваллуд ва номи мақоме, ки аз тарафи он бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдак гузаронда шудааст;

4) насаб, ном, номи падар, сана ва ҷойи таваллуд, шаҳрвандӣ, маҳалли истиқомат ва миллати модари кӯдак;

5) дар бораи ҳуҷҷате, ки барои муқаррар намудани падарӣ асос шудааст;

6) насаб, ном, номи падар, маҳалли истиқомати аризадиҳанда (аризадиҳандагон);

7) силсила ва рақами шаҳодатномаи додашуда дар бораи муқаррар намудани падарӣ;

8) номи мақоми бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки сабтро тартиб додааст.

**Моддаи 64. Шаҳодатномаи муқаррар намудани падарӣ**

Шаҳодатномаи муқаррар намудани падарӣ дорои маълумоти зерин мебошад:

1) насаб, ном, номи падар (дар ҳолати будан), сана ва ҷойи таваллуд, шаҳрвандӣ, миллати шахсе, ки падари кӯдак эътироф шудааст;

2) насаб (то ва баъд аз муқаррар намудани падарӣ), ном, номи падар, сана ва ҷойи таваллуди кӯдак;

3) насаб, ном, номи падар, сана ва ҷойи таваллуд, шаҳрвандӣ ва миллати модари кӯдак;

4) санаи тартиб дода шудан ва рақами сабти асноди муқаррар намудани падарӣ;

5) ҷойи бақайдгирии давлатии муқаррар намудани падарӣ (номи мақоме, ки асноди ҳолати шаҳрвандиро ба қайди давлатӣ гирифтааст);

6) силсила, рақам ва санаи додани шаҳодатномаи муқаррар намудани падарӣ.

**Моддаи 65. Ба сабти асноди таваллуди кӯдак бо сабаби муқаррар намудани падарӣ ворид намудани тағйирот**

1. Дар асоси сабти асноди муқаррар намудани падарӣ ба сабти асноди таваллуди кӯдак маълумот дар бораи падари ӯ ворид карда мешаванд. Ворид намудани маълумот дар бораи падар ва иваз намудани насаб, ном ва номи падари кӯдак бо риояи моддаи 20 ва боби 9 Қонуни мазкур ба ҷо оварда мешавад.

2. Мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ уҳдадоранд дар бораи ворид намудани тағйирот ба сабти асноди таваллуди кӯдак вобаста ба муқаррар намудани падарӣ ба мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолии маҳалли истиқомати модари кӯдак дар муддати се рӯзи баъди бақайдгирии давлатии муқаррар намудани падарӣ хабар диҳанд.

### БОБИ 8.
### БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ ИВАЗ НАМУДАНИ НАСАБ, НОМ ВА НОМИ ПАДАР

**Моддаи 66. Иваз намудани насаб, ном ва номи падар**

1. Шахси ба синни шонздаҳ расида ҳуқуқ дорад насаб, ном ва номи падари худро иваз намояд.

2. Иваз намудани насаб, ном ва номи падар бо риояи талаботи моддаи 20 Қонуни мазкур сурат мегирад.

3. Иваз намудани насаб, ном ва номи падари шахсе, ки синнаш аз шонздаҳ то ҳаждаҳ мебошад, дар сурати мавҷуд будани розигии падару модар ё дигар намояндаи қонунӣ гузаронда мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар шахс то ба балоғат расидан бо тартиби муқаррарнамудаи қонун дорои қобилияти пурраи амалкунӣ шуда бошад.

4. Иваз намудани насаб, ном ва номи падари кӯдаки ба синни шонздаҳ нарасида, дар асоси аризаи муштараки падару модар ё дигар намояндаи қонунӣ гузаронда мешавад. Дар ҳолати набудани розигӣ байни падару модар, иваз намудани насаб, ном ва номи падари кӯдаки ба синни шонздаҳ нарасида дар асоси қарори мақомоти васояту парасторӣ сурат мегирад.

5. Дар ҳолати набудани розигӣ байни падару модар ва қарори мақомоти васояту парасторӣ, инчунин дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузорӣ иваз намудани насаб, ном ва номи падар дар асоси санади судӣ сурат мегирад.

6. Иваз намудани насаб, ном ва номи падар аз тарафи мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии маҳалли истиқомати шахсе, ки хоҳиши иваз намудани насаб, ном ва номи падарро дорад, ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.

**Моддаи 67. Ариза дар бораи иваз намудани насаб, ном ва номи падар**

1. Ариза дар бораи иваз намудани насаб, ном ва номи падар ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии маҳалли истиқомати шахсе, ки хоҳиши иваз намудани насаб, ном ва номи падарро дорад, дар шакли хаттӣ дода мешавад.

2. Дар ариза бояд маълумоти зерин дар бораи шахсе, ки хоҳиши иваз намудани насаб, ном ва номи падарро дорад, нишон дода шаванд:

1) насаб, ном, номи падар, сана ва ҷойи таваллуд, шаҳрвандӣ, миллат, маҳалли истиқомат, вазъи оилавӣ (дар ақди никоҳ қарор дорад ё не, бевазан ё занмурда, ҷудошуда);

2) насаб, ном ва номи падаре, ки бо он иваз намудан интихоб карда шудааст.

3. Шахсе, ки хоҳиши иваз намудани насаб, ном ва номи падарро дорад, дар ариза оид ба иваз намудани насаб, ном ва номи падар имзо гузошта, санаи тартиб дода шудани онро нишон медиҳад.

4. Дар як вақт бо додани чунин ариза бояд ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда шаванд:

1) шаҳодатномаи таваллуди шахсе, ки хоҳиши иваз намудани насаб, ном ва номи падарро дорад;

2) шаҳодатномаи ақди никоҳ, агар аризадиҳанда дар ақди никоҳ қарор дошта бошад;

3) шаҳодатномаи таваллуди ҳар яке аз фарзандони ноболиғ;

4) шаҳодатномаи фарзандхондӣ ё шаҳодатномаи муқаррар намудани падарӣ, дар сурате ки агар аз тарафи мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ бақайдгирии давлатии фарзандхондӣ ё муқаррар намудани падарӣ гузаронда шуда бошад;

5) нусхаи шиноснома, шаҳодатнома ё нусхаи сабти таваллуди падар, модар ва (ё) бобо (агар шахс хоҳад насаби худро аз ном ва насаби онҳо мутобиқи моддаи 20 Қонуни мазкур ташаккул диҳад).

5. Ба аризаи муштараки падару модар ё дигар намояндаи қонунӣ ҳуҷҷатҳои зерин замима мегарданд:

1) нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти падару модар, ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда) ва (ё) парастор;

2) шаҳодатномаи фарзандхондӣ ё шаҳодатномаи муқаррар намудани падарӣ, дар сурате ки агар аз тарафи мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ бақайдгирии давлатии фарзандхондӣ ё муқаррар намудани падарӣ гузаронда шуда бошад;

3) шаҳодатномаи таваллуди кӯдак.

**Моддаи 68. Тартиби бақайдгирии давлатии иваз намудани насаб, ном ва номи падар**

1. Бақайдгирии давлатии иваз намудани насаб, ном ва номи падар дар асоси ариза дар бораи иваз намудани насаб, ном ва номи падар гузаронда мешавад.

2. Ариза дар бораи иваз намудани насаб, ном ва номи падар бояд аз тарафи мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар муддати на дертар аз понздаҳ рӯз аз рӯзи додани ариза баррасӣ карда шавад.

3. Мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ нусхаҳои якум ва дуюми сабти асноди ҳолати шаҳрвандиро, ки бо сабаби иваз намудани насаб, ном ва номи падар ба он бояд тағйирот ворид карда шаванд, аз мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи нигоҳдории он талаб менамоянд ва он дар муддати на дертар аз панҷ рӯзи корӣ бояд дастрас карда шавад.

4. Агар сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки ба он бо сабаби иваз намудани насаб, ном ва номи падар бояд тағйирот ворид карда шаванд, аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатҳои хориҷӣ берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шуда бошад, давраи то дастрас шудани нусхаи ин сабт ба муҳлати дар қисми 2 ҳамин модда нишондодашуда ворид намешавад.

5. Агар сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки ба он бо сабаби иваз намудани насаб, ном ва номи падар бояд тағйирот ворид карда шаванд, гум шуда бошад, бақайдгирии давлатии иваз намудани насаб, ном ва номи падар танҳо баъди барқарор намудани сабт бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур дар бораи барқарор намудани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ гузаронда мешавад.

6. Агар маълумоти дар ҳуҷҷатҳои якҷо бо ариза дар бораи иваз намудани насаб, ном ва номи падар пешниҳодшуда ва нусхаҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба ҳам мувофиқат накунанд, чунин номувофиқатиҳо бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур барои ворид намудани ислоҳ, тағйир ва илова дар сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бартараф карда мешаванд.

7. Дар сурати зарур будани барқарор намудан ва (ё) тағйир додани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ хоҳиши аризадиҳандаро оид ба иваз намудани насаб, ном ва номи падар бо зикри сабаб рад менамоянд. Ҳуҷҷатҳое, ки дар як вақт бо ариза дар бораи иваз намудани насаб, ном ва номи падар пешниҳод шуда буданд, бояд баргардонда шаванд.

8. Дар асоси ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда, нусхаҳои якум ва дуюми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки бо сабаби иваз намудани насаб, ном ва номи падар ба он бояд тағйирот ворид карда шаванд, мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии маҳалли истиқомати аризадиҳанда бақайдгирии давлатии иваз намудани насаб, ном ва номи падарро анҷом медиҳанд. Агар дар насаб, ном ё номи падари шахси насаб, ном ё номи падари худро ивазкунанда қаблан ба ғалат (риоя нагардидани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ) роҳ дода шуда бошад, онҳо ба қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ мувофиқ карда шуда, ба қайд гирифта мешаванд.

**Моддаи 69. Муҳтавои сабти асноди иваз намудани насаб, ном ва номи падар**

Ба сабти асноди иваз намудани насаб, ном ва номи падар маълумоти зерин ворид карда мешаванд:

1) насаб, ном, номи падари шахс то иваз намудани насаб, ном ва номи падар;

2) насаб, ном, номи падари шахс баъд аз иваз намудани насаб, ном ва номи падар;

3) сана ва рақами сабти асноди таваллуд ва номи мақоме, ки аз тарафи он бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдак гузаронда шудааст;

4) дар бораи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти шахсе, ки насаб, ном ва номи падарро иваз намудааст;

5) сана ва ҷойи таваллуд, шаҳрвандӣ, миллат, маҳалли истиқомати шахс;

6) силсила ва рақами шаҳодатномаи додашуда дар бораи иваз намудани насаб, ном ва номи падар;

7) номи мақоми бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки сабтро тартиб додааст.

**Моддаи 70. Шаҳодатномаи иваз намудани насаб, ном ва номи падар**

Шаҳодатномаи иваз намудани насаб, ном ва номи падар дорои маълумоти зерин мебошад:

**(Давомаш дар саҳ. 5)**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ АСНОДИ ҲОЛАТИ ШАҲРВАНДӢ

**(Идома аз саҳ. 4)**

1) насаб, ном, номи падар (дар ҳолати будан) то ва баъд аз иваз намудани онҳо, сана ва ҷойи таваллуд, шаҳрвандӣ, миллати шахсе, ки насаб, ном ва номи падарро иваз кардааст;

2) санаи тартиб додан ва рақами сабти асноди иваз намудани насаб, ном ва номи падар;

3) ҷойи бақайдгирии давлатии иваз намудани насаб, ном ва номи падар (номи мақоме, ки асноди ҳолати шаҳрвандиро ба қайди давлатӣ гирифтааст);

4) силсила, рақам ва санаи додани шаҳодатномаи иваз намудани насаб, ном ва номи падар.

**Моддаи 71. Хабарнома вобаста ба иваз намудани насаб, ном ва номи падар**

Мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ уҳдадоранд, ки дар бораи иваз намудани насаб, ном ва номи падар дар муддати на дертар аз панҷ рӯзи корӣ аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии иваз намудани насаб, ном ва номи падар ба мақомоти корҳои дохилӣ ва комиссариати ҳарбии маҳалли истиқомати аризадиҳанда хабар диҳанд ва хабарномаро барои ворид намудани тағйирот ба сабти асноди таваллуд ба мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандии дахлдор фиристанд.

**Моддаи 72. Тағйир додани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бо сабаби иваз намудани насаб, ном ва номи падар**

1. Дар асоси хабарномаи дар моддаи 71 Қонуни мазкур пешбинишуда мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандии дахлдор тағйиротро дар муддати на дертар аз панҷ рӯзи корӣ бояд ба нусхаҳои якум ва дуюми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки бо сабаби иваз намудани насаб, ном ва номи падар ба он бояд тағйирот ворид карда шаванд, ворид намоянд.

2. Дар асоси сабти асноди иваз намудани насаб, ном ва номи падар ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандие, ки пештар нисбат ба шахси насаб, ном ва номи падарро ивазнамуда тартиб дода шуда буд, тағйирот ворид карда шуда, дар асоси муроҷиат шаҳодатномаи нав дар бораи бақайдгирии давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, бо дар назар доштани тағйироти ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ воридшуда, дода мешавад.

3. Ҳангоми иваз намудани насаб, ном ва номи падар аз тарафи падару модари шахсе, ки ноболиғ мебошад, маълумот дар бораи падару модар дар сабти асноди таваллуди кӯдак тағйир дода мешаванд.

4. Ҳангоми иваз намудани насаб, ном ва номи падар аз тарафи падару модари шахсе, ки болиғ мебошад, маълумот дар бораи падару модар бо аризаи худи ин шахси болиғ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур барои ворид намудани ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ тағйир дода мешаванд.

5. Ҳангоми иваз намудани насаб аз тарафи падару модар ва номи падар дар сабти асноди таваллуди кӯдаки ба синни шонздаҳ нарасида насаб ва номи падари кӯдак иваз карда мешавад.

6. Ҳангоми иваз намудани насаби яке аз падару модар, насаби кӯдаки онҳо, ки ба синни шонздаҳ нарасидааст, бо розигии падар ва модар, дар сурати набудани чунин розигӣ, бо қарори мақомоти васояту парасторӣ иваз карда мешавад.

7. Иваз намудани номи падар ва насаби шахси болиғ бо сабаби иваз намудани насаби падару модари ӯ ва номи падар бо тартиби муқарраркардаи Қонуни мазкур барои бақайдгирии давлатии иваз намудани насаб, ном ва номи падар ба ҷо оварда мешавад.

8. Ба шахси ноболиғ дар асоси тағйироти воридкардашуда ба сабти асноди таваллуди кӯдак шаҳодатномаи нав дар бораи таваллуд дода мешавад.

### БОБИ 9.
### ВОРИД НАМУДАНИ ИСЛОҲ, ТАҒЙИР ВА ИЛОВАҲО БА САБТИ АСНОДИ ҲОЛАТИ ШАҲРВАНДӢ

**Моддаи 73. Асосҳо барои ворид намудани ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ**

1. Ворид намудани ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз тарафи мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, дар сурати мавҷуд будани асосҳои дар қисми 3 ҳамин модда пешбинишуда ва ҳангоми набудани баҳс байни шахсони манфиатдор, ба ҷо оварда мешавад.

2. Ҳангоми мавҷуд будани баҳс байни шахсони манфиатдор ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар асоси санади судӣ ворид карда мешаванд.

3. Асосҳо барои ворид намудани ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ инҳо мебошанд:

1) санади судӣ;

2) қарори мақомоти васояту парасторӣ дар бораи иваз намудани насаб, ном ва номи падари кӯдак дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 72 Қонуни мазкур;

3) аризаи модаре, ки бо падари кӯдак дар ақди никоҳ қарор надорад, дар хусуси ба сабти асноди таваллуд ворид намудани маълумот дар бораи падари кӯдак ё оид ба тағйир ва хориҷ намудани онҳо;

4) аризаи шахси болиғ ҷиҳати дар сабти асноди таваллуди ҳамин шахс тағйир додани маълумот дар бораи падару модар (яке аз онҳо), дар сурати тағйир додани насаб, ном ва номи падари падару модар;

5) ҳуҷҷати шакли муқарраршуда дар бораи муқаррар намудани шахсияти вафоткарда, ки аз тарафи мақомоти таҳқиқ ё тафтиш дода шудааст ва марги он ҳамчун марги шахси номаълум ба қайд гирифта шудааст;

6) хулоса, хабарномаи мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар бораи ворид намудани ислоҳ, тағйир ё иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва ҳолатҳои дигари пешбининамудаи Қонуни мазкур.

**Моддаи 74. Ворид намудани ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар асоси хулосаи мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ**

1. Ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз тарафи мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар асоси хулоса дар ҳолатҳои зерин ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ворид карда мешаванд:

1) дар сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ маълумоти нодуруст ё нопурра қайд шуда бошанд, инчунин ба хатоҳои имлоӣ роҳ дода шуда бошад;

2) ҳуҷҷати шакли муқарраршуда дар бораи иваз намудани ҷинс, ки аз тарафи ташкилоти тиббӣ дода шудааст, пешниҳод шуда бошад.

2. Дар сурати ворид намудани ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ду ва зиёда кӯдак аз як оила, аз ҷониби мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ барои ҳамаи онҳо як хулосаи умумӣ тартиб дода мешавад.

**Моддаи 75. Ариза дар бораи ворид намудани ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ**

1. Ариза дар бораи ворид намудани ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз тарафи шахси манфиатдор ба мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандии маҳалли истиқомати ӯ ва (ё) ҷойи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ дода мешавад.

2. Ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандии шахси вафоткарда, ки пештар тартиб дода шуда буданд, бо аризаи хешу табори шахси вафоткарда ва (ё) шахси манфиатдори дигар ворид карда мешаванд.

3. Дар ариза дар бораи ворид намудани ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бояд маълумоти зерин нишон дода шаванд:

1) насаб, ном, номи падар, сана ва ҷойи таваллуд, шаҳрвандӣ, миллат, вазъи оилавӣ, маҳалли истиқомати аризадиҳанда;

2) дар бораи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки аризадиҳанда мехоҳад ба он ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ворид намояд.

4. Аризадиҳанда дар ариза дар бораи ворид намудани ислоҳ, тағйир ва иловаҳо имзо гузошта, санаи тартиб дода шудани онро қайд менамояд.

5. Дар як вақт бо пешниҳоди чунин ариза, бояд шаҳодатномаи бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки он бо сабаби ворид намудани ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бояд иваз карда шавад ва дар сурати гум шудани он, нусха аз сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҷой доштани асосҳо барои ворид намудани ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ пешниҳод карда шаванд. Инчунин аз тарафи аризадиҳанда бояд ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият пешниҳод карда шавад.

**Моддаи 76. Тартиби баррасӣ намудани ариза дар бораи ворид намудани ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ**

1. Ариза дар бораи ворид намудани ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бояд аз тарафи мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар муҳлати то понздаҳ рӯз аз рӯзи ворид шудани ариза баррасӣ карда шавад.

2. Дар сурати ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандие, ки ба он бояд ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ворид карда шаванд, дар мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандии давлатҳои хориҷӣ тартиб дода шуда бошанд, муҳлати дар қисми 1 ҳамин модда пешбинигардида татбиқ намегардад.

3. Мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ нусхаҳои якум ва дуюми сабти асноди ҳолати шаҳрвандиро, ки бо сабаби ворид намудани ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба он бояд ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ворид карда шаванд, аз мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи нигоҳдории он талаб менамоянд ва он дар муддати на дертар аз панҷ рӯзи корӣ бояд дастрас карда шавад, инчунин нусхаи ҳуҷҷатҳои дигари сабти асноди тасдиққунандаи ҷой доштани асосҳоро барои ворид намудани ислоҳ, тағйир ва иловаҳо талаб менамоянд.

4. Дар сурати мавҷуд будани ариза дар бораи ворид намудани ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки дар қисми 3 моддаи 75 Қонуни мазкур нишон дода шудаанд, дар асоси ҳуҷҷатҳо ва нусхаҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандии талабкардашуда ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ворид карда мешаванд ва (ё) ворид намудани ин ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба аризадиҳанда бо зикри сабабҳо рад карда мешавад.

5. Ворид намудани ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва (ё) рад кардани ворид намудани ин ислоҳ, тағйир ва иловаҳо дар асоси хулосаи мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 74 Қонуни мазкур ба ҷо оварда мешаванд.

6. Агар аризаи шахс дар бораи ворид намудани ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ рад карда шуда бошад, ҳуҷҷатҳое, ки якҷо бо ариза дар бораи ворид намудани ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ пешниҳод шуда буданд, баргардонда мешаванд.

**Моддаи 77. Тартиби ворид намудани ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ**

1. Мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ уҳдадоранд, ки дар бораи ворид намудани ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар муддати на дертар аз се рӯзи корӣ хулоса ва хабарномаро барои ворид намудани ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи нигаҳдории нусхаи якуми сабти аснод фиристанд.

2. Ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз тарафи мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи нигаҳдории нусхаи якуми сабти аснод, ки ба он бояд ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ворид карда шаванд, дар муддати на дертар аз панҷ рӯзи корӣ ба ҷо оварда мешаванд.

3. Дар асоси ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба аризадиҳанда шаҳодатномаи нав дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ дода мешавад.

4. Мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ уҳдадоранд, ки дар бораи ворид намудани ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар муддати на дертар аз панҷ рӯзи корӣ аз лаҳзаи ворид намудани ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба мақомоти корҳои дохилӣ ва комиссариати ҳарбии маҳалли истиқомати аризадиҳанда хабар диҳанд ва хабарномаро барои ворид намудани тағйирот ба нусхаи дуюми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандии дахлдор фиристанд.

### БОБИ 10.
### БАРҚАРОР ВА БЕКОР НАМУДАНИ САБТИ АСНОДИ ҲОЛАТИ ШАҲРВАНДӢ

**Моддаи 78. Асосҳо барои барқарор намудани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ**

Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар сурати мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои зерин барқарор карда мешавад:

1) ҳуҷҷатҳое, ки пештар мавҷуд будани чунин сабтҳоро тасдиқ мекунанд (шаҳодатномаи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва (ё) нусхаи он ё нусхаи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ);

2) ҳуҷҷатҳое, ки гум шудани сабти асноди ҳолати шаҳрвандиро тасдиқ мекунанд.

**Моддаи 79. Ариза дар бораи барқарор намудани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ**

1. Ариза дар бораи барқарор намудани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки дар он сабти асноди ҳолати шаҳрвандии гумшуда тартиб дода шуда буд, аз тарафи шахсоне дода мешавад, ки нисбат ба онҳо ҳамин сабт пештар тартиб дода шуда буд.

2. Дар баробари ариза дар бораи барқарор намудани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1) ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият;

2) ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи моддаи 78 Қонуни мазкур.

**Моддаи 80. Тартиби барқарор намудани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ**

1. Ариза дар бораи барқарор намудани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бояд аз тарафи мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ бо гузарондани санҷиш дар муҳлати то понздаҳ рӯз аз рӯзи ворид шудани ариза баррасӣ карда шавад.

2. Дар асоси ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва натиҷаи санҷиш мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандии маҳалли истиқомати аризадиҳанда хулосаро дар бораи барқарор намудани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва (ё) рад намудани барқарор кардани он тартиб медиҳанд.

3. Дар сурати рад кардани барқарор намудани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, дар хулосаи мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ сабаби рад кардан бояд қайд карда шавад.

4. Дар хулосаи мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар бораи барқарор намудани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бояд маълумоти зерин зикр карда шаванд:

1) дар бораи сабти асноди ҳолати шаҳрвандии гумшуда (сана, рақами сабт, рақами китобҳои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ё саҳифаи он, сабабҳои гум шудани он, агар маълум бошад ва сабабҳои дигар вобаста ба мавҷуд набудани сабт);

2) дар ҳолатҳои зарурӣ баёноти шахсони масъул вобаста ба гум шудани сабт;

3) дар бораи ҳуҷҷатҳое, ки мавҷудияти сабт ва гум шудани сабтро тасдиқ мекунанд;

4) мутобиқати ҳуҷҷати тасдиққунандаи мавҷудияти сабт бо нусхаи якум ё дуюми сабт, дар сурати гум шудани яке аз нусхаҳои сабт.

5. Мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар бораи барқарор намудани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар муддати на дертар аз се рӯз мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи нигоҳдории нусхаи дуюми сабтро хабардор менамоянд. Мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи нигоҳдории нусхаи дуюми сабт дар муддати на дертар аз се рӯз нусхаи сабти гумшударо барқарор ва (ё) дар нусхаи дуюми сабти мавҷудбуда оид ба барқарор шудани нусхаи якуми сабт қайди дахлдор мегузоранд.

6. Дар сабти асноди ҳолати шаҳрвандии барқароршуда сана, рақами сабт ва мақоми қаблан бақайдгиранда дарҷ карда шуда, дар кунҷи болои сабт ва шаҳодатномаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ навиштаҷоти «сабт барқарор шуд» қайд карда мешавад.

**Моддаи 81. Барқарор намудани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар асоси санади судӣ**

Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бо тартиби судӣ дар ҳолатҳои зерин барқарор карда мешавад:

1) мавҷуд будани баҳс байни шахсони манфиатдор;

2) рад кардани барқарор намудани сабти асноди ҳолати шаҳрвандии гумшуда бо сабаби набудани имконияти барқарор намудани он аз тарафи мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ;

3) номутобиқ будани ҳуҷҷати тасдиққунандаи мавҷудияти сабт бо нусхаи якум ё дуюми сабт, дар сурати гум шудани яке аз нусхаҳои сабт.

**Моддаи 82. Бекор кардани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ**

Бекор кардани сабти асноди ҳолати шаҳрвандии аввала ва (ё) барқароршуда аз тарафи мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи нигоҳдории сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки бояд бекор карда шавад, дар асоси санади судӣ, ки эътибори қонунӣ пайдо кардааст, ба ҷо оварда мешавад.

### БОБИ 11.
### БОЙГОНИИ МАҚОМОТИ САБТИ АСНОДИ ҲОЛАТИ ШАҲРВАНДӢ

**Моддаи 83. Ташаккули бойгонии мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ**

1. Бойгонии мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз ҳисоби китобҳои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ташаккул меёбад.

2. Китобҳои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки дар онҳо нусхаҳои якуми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ҷамъ оварда, дӯхта, рақамгузорӣ карда ва муҳр гузошта шудаанд, дар бойгонии мақомоти бақайдгирандаи асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи бақайдгирии онҳо нигоҳ дошта мешаванд.

3. Китобҳои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки дар онҳо нусхаҳои дуюми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ҷамъ оварда, дӯхта, рақамгузорӣ карда ва муҳр гузошта шудаанд, мувофиқан дар бойгониҳои мақоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ҷумҳуриявӣ ва мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилоятҳо нигоҳ дошта мешаванд.

4. Нусхаҳои дуюми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки аз тарафи муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудаанд, пас аз ба охир расидани сол якҷо бо ҳуҷҷатҳое, ки барои бақайдгирии давлатии маълумоти аснод асос шуда буданд, барои нигаҳдорӣ ба бойгонии мақоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ҷумҳуриявӣ супорида мешаванд. Нусхаҳои якуми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешаванд.

5. Нусхаҳои дуюми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бо рақами тартибӣ ва намудҳои сабти аснод аз мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи бақайдгирии онҳо ба мақоми омори давлатии ҷумҳуриявӣ ва сохторҳои он дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо фиристонда мешаванд. Ҳуҷҷатҳои аз мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии шаҳр (ноҳия) ба мақомоти мазкур воридшуда пас аз таҳлил дар муддати на дертар аз шаш моҳ мувофиқан ба бойгониҳои мақоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ҷумҳуриявӣ ва мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилоятҳо баргардонда мешаванд.

6. Тартиби нигоҳдории бойгонӣ, тартиби муроҷиат ва додани ҳуҷҷатҳо аз бойгониро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

7. Тартиб, шартҳо ва муҳлати нигоҳдории китобҳои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар бойгониҳои мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва тартиби додан ва гирифтани китобҳои мазкур ба бойгонии давлатӣ аз тарафи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

**Моддаи 84. Муҳлати нигоҳдории санадҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ**

1. Нусхаҳои якуми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар бойгониҳои мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии шаҳр (ноҳия) ба муҳлати 75 сол аз рӯзи тартиб додани онҳо нигоҳ дошта шуда, пас аз он мувофиқан ба мақоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ҷумҳуриявӣ ва мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилоятҳо супорида мешаванд.

2. Мақоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ҷумҳуриявӣ ва мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилоятҳо ҳар ду нусхаи сабти аснодро бо тартиби муқарраргардида ба расмият даровarда, онҳоро ба мақоми ваколатдори бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нигоҳдории доимӣ месупоранд.

### БОБИ 12.
### МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 85. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 86. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» аз 29 апрели соли 2006 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2006, №4, мод. 201; с. 2008, №12, қ. 2, мод. 1017; с. 2009, №3, мод. 89; с. 2011, №3, мод. 178, №6, мод. 444; с. 2015, №3, мод. 220, №11, мод. 961, мод. 962; с. 2016, №3, мод. 144, мод. 145; с. 2017, №7-9, мод. 574; с. 2019, №7, мод. 470; с. 2020, №7-9, мод. 612; с. 2021, №1-2, мод. 13) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 87. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 январи соли 2025, №2117**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2024, №563**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» қабул карда шавад.

2. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» аз 12 апрели соли 2006 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2006, №4, мод. 227; с. 2008, №10, мод. 874; с. 2009, №1, мод. 7; с. 2011, №1, мод. 19, №4, мод. 304; с. 2015, №1, мод. 17, №10, мод. 854, мод. 868; с. 2016, №1, мод. 6, мод. 9; с. 2017, №5, қ. 1, мод. 368; с. 2019, №6, мод. 383; с. 2020, №4-5, мод. 315, №12, мод. 1016) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 12 декабри соли 2024, №1505**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ НИЗОМИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ БАҚАЙДГИРӢ ВА БАҲИСОБГИРИИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИҲО

Қонуни мазкур асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ, принсипҳо ва қоидаҳои пешбурди низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ (минбаъд-ҳуқуқвайронкуниҳо), инчунин ваколат ва вазифаҳои мақомоти давлатиро дар ин самт муайян менамояд.

### БОБИ 1.
### МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

1) **бақайдгирии ҳуқуқвайронкуниҳо** – аз тарафи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд ва мақомоти дигари ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор)-и баррасикунандаи парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷиноятӣ ба ҳуқуқвайронкуниҳо додани рақами бақайдгирӣ ва сабт намудани маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо;

2) **баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо** – аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ ба махзани ягонаи давлатии маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо ворид намудани маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо, ки аз тарафи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд ва мақомоти дигари ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор)-и баррасикунандаи парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷиноятӣ ба қайд гирифта шудаанд;

3) **махзани ягонаи давлатии маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо** – низоми иттилоотию техникӣ, ки маҷмуи маълумотро дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо дар бар мегирад;

4) **низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо** – тартиби бақайдгирии ҳуқуқвайронкуниҳо аз тарафи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд ва мақомоти дигари ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор)-и баррасикунандаи парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, инчунин тартиби баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва пешниҳоди маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таъмини фаъолияти низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо;

5) **субъектҳои низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо** – мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таъмини фаъолияти низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд ва мақомоти дигари ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор)-и баррасикунандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ;

6) **ҳуқуқвайронкуниҳо** – ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

### БОБИ 2.
### ВАЗИФА ВА ПРИНСИПҲОИ НИЗОМИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ БАҚАЙДГИРӢ ВА БАҲИСОБГИРИИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИҲО

**Моддаи 3. Вазифаи асосии низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо**

Вазифаи асосии низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ, истифода ва ҳифзи маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо, пешниҳоди маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо иборат мебошад.

**Моддаи 4. Принсипҳои низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо**

Низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ба принсипҳои зерин асос меёбад:

1) таъмини риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва ҳифзи манфиатҳои қонунии онҳо;

2) қонуният;

3) объективӣ, мукаммал ва саҳеҳ будани маълумот;

4) дастрас ва ошкоро будани маълумот то ҳадди муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

5) ҳатмӣ ва якхела будани бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо.

### БОБИ 3.
### ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НИЗОМИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ БАҚАЙДГИРӢ ВА БАҲИСОБГИРИИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИҲО

**Моддаи 5. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти идоракунии низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти идоракунии низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дорои салоҳияти зерин мебошад:

1) пешбурди сиёсати давлатӣ дар самти бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо;

2) тасдиқи тартиби додани рақами бақайдгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, қайд кардани маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо ва ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таъмини фаъолияти низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо пешниҳод намудани онҳо;

3) тасдиқи тартиби ҷойгиркунии маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо дар махзани ягонаи давлатии маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо;

4) тасдиқи тартиби пешниҳоди маълумот ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳое, ки дар махзани ягонаи давлатии маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо нигоҳ дошта мешаванд;

5) амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 6. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таъмини фаъолияти низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ваколатҳои он**

1. Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таъмини фаъолияти низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо (минбаъд–мақоми ваколатдор) ба ҳисоб меравад.

2. Мақоми ваколатдор дорои ваколатҳои зерин мебошад:

1) ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои дигари низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо;

2) ташкили махзани ягонаи давлатии маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо;

3) таъмини нигоҳдорӣ ва ҳифзи маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо;

**(Давомаш дар саҳ. 6)**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ НИЗОМИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ БАҚАЙДГИРӢ ВА БАҲИСОБГИРИИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИҲО

**(Идома аз саҳ. 5)**

4) таҳлили пурра, объективӣ, саҳеҳ ва кофӣ будани маълумоти оморие, ки аз ҷониби субъектҳои дигари низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо пешниҳод мешаванд;

5) муайян намудани усулҳои самараноки ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ, коркард, захира, ҷамъбаст, нигоҳдорӣ ва ҳифзи маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо;

6) назорат оид ба риояи тартиби пешниҳоди маълумот ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо, ки дар махзани ягонаи давлатии маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо нигоҳ дошта мешаванд;

7) аз субъектҳои дигари низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ба таври ройгон дастрас намудани маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо ва шаклҳои бақайдгирии ибтидоӣ, инчунин иттилооти дигар барои ташаккул додани махзани ягонаи давлатии маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо;

8) таҳлили пурра, объективӣ, саҳеҳ ва кофӣ будани маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо, ки аз ҷониби субъектҳои дигари низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо пешниҳод мешаванд;

9) баҳри бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта оид ба масъалаҳои махзани ягонаи давлатии маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо ирсол намудани маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо ба субъектҳои дигари низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо;

10) ҷамъоварӣ, коркард, захира, ҷамъбаст ва таҷдиди маълумот дар самти низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо;

11) ба таври ройгон таъмин намудани субъектҳои дигари низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо бо маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо, ки дар махзани ягонаи давлатии маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо нигоҳ дошта мешаванд;

12) пешниҳоди маълумот ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳое, ки дар махзани ягонаи давлатии маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо нигоҳ дошта мешаванд;

13) нигоҳдорӣ ва ҳифзи маълумоти дастрасшуда, ки дорои сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда мебошанд;

14) ҳифзи низоми иттилоотӣ аз дастрасии ғайриқонунӣ, вайрон ё нобуд сохтани маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо, ки дар махзани ягонаи давлатии маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо нигоҳ дошта мешаванд;

15) таъмини риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва ҳифзи манфиатҳои қонунии онҳо, шахсони ҳуқуқӣ ва давлат ҳангоми ташаккул додани махзани ягонаи давлатии маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо;

16) амалӣ намудани ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи омори давлатӣ барои рушди фаъолияти низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо;

17) амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст.

**Моддаи 7. Ваколатҳои субъектҳои дигари низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо**

1. Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд ва мақомоти дигари ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор)-и баррасикунандаи парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар доираи ваколатҳои худ, бо мақсади таъмини фаъолияти низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, пешниҳод намудани маълумотро дар бораи ҳуқуқвайронкунӣ ба мақоми ваколатдор амалӣ карда, нигоҳдорӣ ва ҳифзи маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳоро таъмин менамоянд.

2. Субъектҳои дигари низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дорои ваколатҳои зерин мебошанд:

1) оид ба андешидани чораҳо ҷиҳати такмил додани махзани ягонаи давлатии маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо таклиф пешниҳод намоянд;

2) мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳидаҳои идоравӣ, баҳисобгирии оперативӣ ва идоравиро, ки барои таъмини фаъолияти оперативию ҷустуҷӯӣ ва хизматӣ пешбинӣ гардидаанд, амалӣ намоянд;

3) ба мақоми ваколатдор ҳуҷҷатҳои иттилоотию баҳисобгирӣ, мавод ва маълумоти дигари заруриро пешниҳод намоянд;

4) пурра, объективӣ, саҳеҳ ва кофӣ будани маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо ва дар доираи ваколатҳои худ амалӣ намудани назорати пурра ва саҳеҳ дарҷ ёфтани ин маълумотро таъмин намоянд;

5) маълумоти дастрасшударо, ки дорои сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда мебошанд, нигоҳ доранд ва ҳифз намоянд;

6) ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ намоянд.

### БОБИ 4.
### ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИҲОЕ, КИ БОЯД БА ҚАЙД ВА БА ҲИСОБ ГИРИФТА ШАВАНД

**Моддаи 8. Ҳуқуқвайронкуниҳое, ки бояд ба қайд ва ба ҳисоб гирифта шаванд**

Ҳуқуқвайронкуниҳое, ки бояд ба қайд ва ба ҳисоб гирифта шаванд:

1) ҷиноятҳое, ки нисбати онҳо қарорҳо дар бораи рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи сархатҳои сеюм, чорум, панҷум ва ҳафтуми қисми 1 моддаи 27, моддаҳои 28-32 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудаанд;

2) ҷиноятҳое, ки нисбати онҳо қарорҳо дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ва ё қарорҳои дигар оид ба пешбурди парванда аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва судҳо қабул карда шудаанд;

3) ҷиноятҳо оид ба парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ, ки тибқи онҳо ҳукми айбдоркунии суд баровarda шуда, эътибори қонунӣ пайдо кардааст;

4) ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурие, ки нисбати онҳо қарорҳо дар бораи татбиқи ҷазои маъмурӣ қабул гардидаанд;

5) ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурие, ки барои такроран содиршавӣ ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамоянд.

**Моддаи 9. Маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳое, ки бояд ба қайд ва ба ҳисоб гирифта шаванд**

1. Ҳангоми ба қайд ва ба ҳисоб гирифтани ҳуқуқвайронкуниҳои дар бандҳои 1), 2) ва 3) моддаи 8 Қонуни мазкур пешбинишуда маълумоти зерин сабт карда мешаванд:

1) дар бораи рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи сархатҳои сеюм, чорум, панҷум ва ҳафтуми қисми 1 моддаи 27, моддаҳои 28-32 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ;

3) дар бораи боздоштани тафтиши пешакӣ;

4) дар бораи аз сари нав оғоз кардани тафтишоти пешакии боздоштшуда;

5) дар бораи дароз кардани муҳлати тафтиши пешакӣ;

6) дар бораи аз рӯйи тобеияти тафтишотӣ равон намудани парвандаи ҷиноятӣ;

7) дар бораи ҳамроҳ намудани парвандаи ҷиноятӣ;

8) дар бораи ҷудо намудани парвандаи ҷиноятӣ;

9) дар бораи дастгир намудани шахс дар содир намудани ҷиноят;

10) дар бораи гумонбар донистани шахс барои содир намудани ҷиноят;

11) дар бораи татбиқ, дароз ё тағйир додани чораи пешгирӣ;

12) дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудан ба сифати айбдоршаванда;

13) дар бораи эълони ҷустуҷӯйи айбдоршаванда;

14) дар бораи қатъ намудани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ;

15) дар бораи қатъ намудани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бо озод кардани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ;

16) дар бораи аз сари нав оғоз кардани пешбурди парвандаи ҷиноятии қатъшуда;

17) дар бораи ба прокурор супоридани парвандаи ҷиноятӣ барои ба суд ирсол кардан;

18) дар бораи аз тарафи прокурор фиристодани парвандаи ҷиноятӣ ба суд;

19) дар бораи аз ҷониби прокурор бо супориши хаттӣ баргардондани парвандаи ҷиноятӣ ба муфаттиш барои гузарондани тафтиши пешакии иловагӣ, инчунин барои эълони айби нав;

20) дар бораи қатъ намудани тафтиши пешакӣ ё таъқиби ҷиноятӣ;

21) дар бораи равон намудани парвандаи ҷиноятӣ аз рӯйи тобеияти судӣ;

22) дар бораи татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ;

23) дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ бинобар ҳолатҳои нав ошкоршуда;

24) дар бораи бардоштани доғи судӣ;

25) дар бораи ҳукмҳои эътибори қонунӣ пайдокардаи суд, дар бораи қарорҳо (таъинотҳо)-и суд, ки бо тартиби кассатсионӣ ё тартиби назоратӣ баровarda шудаанд;

26) номи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суде, ки қарорҳои мурофиавиро баровардааст, сана ва асосҳои баровардани онҳо;

27) сабаб ва асосҳои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ;

28) рақами бақайдгирии ҷиноят;

29) ҷой, сана, вақт ва ҳолати содиршавии ҷиноят;

30) насаб, ном, номи падар, рӯз, моҳ, сол ва ҷойи таваллуд, шаҳрвандӣ, таҳсилот, ҷойи кор (таҳсил) ва мансаб, маҳалли истиқомат (ҷойи адои ҷазо ё дар ҳабс нигоҳ доштан)-и гумонбаршуда, айбдоршаванда, шахсе, ки нисбати ӯ дар ҳолатҳои пешбининамудаи сархатҳои сеюм, чорум, панҷум ва ҳафтуми қисми 1 моддаи 27, моддаҳои 28-32 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавод аз оғози парвандаи ҷиноятӣ рад карда шудааст, маҳкумшуда, сафедшуда, шахсоне, ки нисбати онҳо чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ таъин шудаанд;

31) насаб, ном, номи падар, рӯз, моҳ, сол ва ҷойи таваллуд, шаҳрвандӣ, маълумот, ҷойи кор (таҳсил) ва мансаб, маҳалли истиқомати ҷабрдида.

2. Ҳангоми бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, ки дар бандҳои 4) ва 5) моддаи 8 Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд, маълумоти зерин сабт карда мешаванд:

1) оид ба қарорҳо дар бораи таъин намудани ҷазои маъмурӣ, дар бораи ба тариқи назоратӣ бекор кардан ё тағйир додани қарори бо парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қабулшуда, инчунин маълумот дар бораи қарорҳое, ки дар натиҷаи баррасии шикоят ё эътирози ба қарори дахлдори парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ овардашуда қабул гардидаанд;

2) номи суд ва мақомоти дигари ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор)-и баррасикунандаи парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки қарорҳо баровардаанд, сана ва асоси баровarda шудани ин қарорҳо;

3) сабаб ва асоси оғоз гардидани мурофиаи маъмурӣ;

4) рақами бақайдгирии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ;

5) ҷой, сана, вақт ва ҳолатҳои содир гардидани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ;

6) насаб, ном ва номи падар, рӯз, моҳ, сол ва ҷойи таваллуд, шаҳрвандӣ, таҳсилот, ҷойи кор (таҳсил) ва мансаб, маҳалли истиқомати шахси воқеӣ, ки нисбати ӯ қарор дар бораи таъин намудани ҷазои маъмурӣ баровarda шудааст;

7) насаб, ном ва номи падар, рӯз, моҳ, сол ва ҷойи таваллуд, шаҳрвандӣ, таҳсилот, ҷойи кор (таҳсил) ва мансаб, маҳалли истиқомати соҳибкори инфиродӣ, ки нисбати ӯ қарор дар бораи таъин намудани ҷазои маъмурӣ баровarda шудааст, инчунин рақами мушаххаси андозсупоранда;

8) насаб, ном ва номи падар, рӯз, моҳ, сол ва ҷойи таваллуд, шаҳрвандӣ, таҳсилот, ҷойи кор (таҳсил) ва мансаб, маҳалли истиқомати шахси мансабдор, ки нисбати ӯ қарор дар бораи таъин намудани ҷазои маъмурӣ баровarda шудааст, инчунин рақами мушаххаси андозсупоранда;

9) номи шахси ҳуқуқӣ, ки нисбати он қарор дар бораи таъин намудани ҷазои маъмурӣ баровarda шудааст, маҳалли ҷойгиршавӣ, рақами мушаххаси андозсупоранда, тобеият, санаи қайди давлатӣ, насаб, ном ва номи падари роҳбар (шахси дигаре, ки тибқи ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ ваколатдор карда шудааст), муассис (муассисон).

### БОБИ 5.
### ТАРТИБИ БАҚАЙДГИРӢ, БАҲИСОБГИРӢ ВА ПЕШНИҲОДИ МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИҲО

**Моддаи 10. Тартиби бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо**

1. Рақами бақайдгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дода мешавад:

1) аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ – пас аз баровардани қарор дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ё дар бораи рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи сархатҳои сеюм, чорум, панҷум ва ҳафтуми қисми 1 моддаи 27, моддаҳои 28-32 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) аз ҷониби суд – пас аз эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунии суд оид ба парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ;

3) аз ҷониби суд ва мақомоти дигари ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор)-и баррасикунандаи парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ – пас аз баровардани қарор дар бораи таъин кардани ҷазои маъмурӣ ва эътибори қонунӣ пайдо кардани он.

2. Субъектҳои дигари низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо пас аз қабули қарорҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳое, ки дар моддаи 8 Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд, маълумотро дар ҳомили коғазӣ ва (ё) электронӣ сабт карда, тавассути хатҳои интиқоли маълумот ба мақоми ваколатдор ирсол менамоянд.

3. Ба ҳуқуқвайронкуниҳо додани рақами бақайдгирӣ, сабти маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо ва пешниҳоди онҳо аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ дар давоми 24 соат ва аз ҷониби судҳо ва мақомоти дигари ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор)-и баррасикунандаи парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар муҳлати се рӯзи корӣ анҷом дода мешавад.

**Моддаи 11. Тартиби баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷониби мақоми ваколатдор, муҳлати нигоҳдорӣ ва нобуд кардани маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо**

1. Мақоми ваколатдор дар муҳлати се шабонарӯз аз рӯзи гирифтани маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо аз субъектҳои дигари низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, онҳоро дар махзани ягонаи давлатии маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо ҷойгир мекунад.

2. Маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳое, ки аз ҷониби субъектҳои дигари низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо бо вайрон намудани тартиби додани рақами бақайдгирӣ ба ҳуқуқвайронкунӣ, маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо ва пешниҳоди онҳо ба мақоми ваколатдор супорида шудаанд, дар давоми як шабонарӯз аз рӯзи қабули онҳо бояд мувофиқан ба субъектҳои дигари низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо баргардонда шаванд. Субъектҳои дигари низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар навбати худ дар давоми 24 соат камбудиҳои зикршударо бартараф карда, маълумотро дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо ба мақоми ваколатдор такроран ирсол менамоянд.

3. Маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои дар бандҳои 1), 2) ва 3) моддаи 8 Қонуни мазкур пешбинишуда, ки дар махзани ягонаи давлатии маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо ҷойгир карда шудаанд, дар давоми ҳафтоду панҷ сол нигоҳ дошта мешаванд.

4. Маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои дар банди 4) моддаи 8 Қонуни мазкур пешбинишуда, ки дар махзани ягонаи давлатии маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо ҷойгир карда шудаанд, дар муҳлати як сол нигоҳ дошта мешаванд.

5. Маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои дар банди 5) моддаи 8 Қонуни мазкур пешбинишуда, ки дар махзани ягонаи давлатии маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо ҷойгир карда шудаанд, дар муҳлати се сол нигоҳ дошта мешаванд.

6. Пас аз гузаштани муҳлати нигоҳдории дар қисмҳои 3, 4 ва 5 ҳамин модда пешбинигардида маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳое, ки дар махзани ягонаи давлатии маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо нигоҳ дошта мешаванд, нобуд карда мешаванд.

**Моддаи 12. Пешниҳоди маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо**

1. Маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо, ки дар махзани ягонаи давлатии маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо нигоҳ дошта мешаванд, аз ҷониби мақоми ваколатдор пешниҳод карда мешавад:

1) ба субъектҳои дигари низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо – дар асоси дархост дар муҳлати се шабонарӯз аз рӯзи қабули он;

2) ба мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шахсони воқеӣ – дар асоси дархост (ариза) дар давоми даҳ шабонарӯз аз рӯзи қабули он;

3) ба мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои дигари давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ – мутобиқи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо, ки дар махзани ягонаи давлатии маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо нигоҳ дошта мешаванд, дар асоси дархости электронӣ аз ҷониби мақоми ваколатдор ба субъектҳое, ки дар бандҳои 1) ва 2) қисми 1 моддаи мазкур пешбинӣ шудаанд, дар давоми як шабонарӯз аз лаҳзаи воридшавии он пешниҳод карда мешавад.

### БОБИ 6.
### МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 13. Маблағгузории хароҷот вобаста ба бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, инчунин фиристодан ва пешниҳод намудани маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо**

Маблағгузории хароҷот вобаста ба бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, инчунин фиристодан ва пешниҳод намудани маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо ба мақоми ваколатдор аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, инчунин аз сарчашмаҳои дигари бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манънагардида анҷом дода мешавад.

**Моддаи 14. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 15. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 январи соли 2025, №2118**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2024, №564**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 30 октябри соли 2024, №1445**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ СОҲИБКОРИИ ИҶТИМОӢ

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии соҳибкории иҷтимоиро муайян намуда, ба таъмини кафолати давлатии ҳифз, дастгирии давлатӣ ва тавсеаи фаъолияти субъектони соҳибкории иҷтимоӣ, ки ҳангоми амалисозии он ба миён меоянд, равона шудааст.

### БОБИ 1.
### МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

1) **соҳибкории иҷтимоӣ** – фаъолияти соҳибкорие, ки ба дастгирии гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ равона гардида, барои таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳои таъиноти иҷтимоӣ мутобиқи Қонуни мазкур амалӣ карда мешавад;

2) **корхонаи иҷтимоӣ** – шахси ҳуқуқие, ки ба феҳристи субъектони соҳибкории иҷтимоӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ворид карда шуда, фаъолиятро дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ амалӣ менамояд;

3) **соҳибкори иҷтимоӣ** – соҳибкори инфиродӣ, ки ба феҳристи субъектони соҳибкории иҷтимоӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ворид карда шудааст;

4) **феҳристи субъектони соҳибкории иҷтимоӣ** – махзани ягонаи маълумот оид ба корхонаҳои иҷтимоӣ ва соҳибкорони иҷтимоӣ, ки пешбурди онро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ анҷом медиҳад;

5) **гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ** – шахсони дар ҳолати вазъияти зиндагӣ қарордошта, ки ҳангоми мутобиқшавии иҷтимоӣ ба мушкилот дучор меоянд ва ба кумак ниёз доранд;

6) **лоиҳаи иҷтимоӣ** – усули дастгирии фаъолияти мустақили соҳибкории иҷтимоӣ, ки аз ҷониби субъектони соҳибкории иҷтимоӣ амалӣ мегардад;

7) **молҳои таъиноти иҷтимоӣ** – ашё ва воситаҳое, ки барои фароҳам овардани имкониятҳои бо шаҳрвандони дигар баробар барои гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ зарур мебошанд, аз ҷумла маснуоти протезию ортопедӣ, инчунин асбобу анҷоми барқарорсозанда барои шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд, китобҳо ва маводи дигари нашриявӣ бо ҳуруфи Брайл, адабиёти таълимӣ ва бадеӣ барои кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд, аудиокитобҳо, аз ҷумла маводи видеоӣ бо истифодаи забони имову ишора ва ғайра;

8) **хизматрасонии иҷтимоӣ** – хизматҳое, ки дар шаклҳои муқарранамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ расонда мешаванд, инчунин хизматрасонӣ оид ба протезмонӣ ва тармими маҳсулоти протезию ортопедӣ, асбобу анҷом барои шахсони дорои маъюбият, офияти тиббӣ, иҷтимоӣ ва касбии шахсони дорои маъюбият ва мушкилоти ақлонӣ, дар хона ба роҳ мондани таълими кӯдакони дорои маъюбият, ки имконияти таҳсил карданро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ надоранд, табобати шахсони мушкилии равонидошта ва шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд тавассути меҳнат, хизматрасонӣ оид ба омӯзондани касбҳои нав ба онҳо ва ғайра, ки мутобиқи Қонуни мазкур амалӣ мегарданд;

9) **навгониҳои иҷтимоӣ** – ғояҳои нав, стратегия, технологияи нав, ки ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ мусоидат менамоянд.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон иборат мебошад.

**Моддаи 3. Мақсади Қонуни мазкур**

Мақсади Қонуни мазкур таъмини кафолати давлатии ҳифз, дастгирии давлатӣ ва тавсеаи фаъолияти субъектони соҳибкории иҷтимоӣ, инчунин мусоидат дар беҳтар намудани сифати ҳаёт ва расондани кумак ба гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ, ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, ноил гардидан ба мақсадҳои муҳими ҷамъиятӣ, муҳайё намудани фазои мусоиди иқтисодӣ барои соҳибкории иҷтимоӣ ва ҷорӣ намудани навгониҳои иҷтимоӣ мебошад.

**Моддаи 4. Вазифаҳои соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ**

Вазифаҳои соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ иборатанд аз:

1) рушди хизматрасонии соҳаи иҷтимоӣ;

2) таъмини иштироки субъектони соҳибкорӣ ва аҳли ҷомеа дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, аз ҷумла бо роҳи ҷорисозии навгониҳои иҷтимоӣ ва мусоидат намудан дар хизматрасонии иҷтимоии пешбининамудаи Қонуни мазкур;

3) таъсис додани ҷойҳои кории нав барои гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ ва ба онҳо таъмин намудани имкониятҳои баробар бо шахсони дигар ҷиҳати иштирок дар фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ;

4) мусоидат ба касбинтихобкунӣ ва таъмин намудан бо ҷойи кор, аз ҷумла бо шуғл таъмин намудани гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ;

5) кумак намудан барои ба бозор роҳ ёфтани моли истеҳсолнамуда, кори иҷрокардашуда, хизматрасонии аз ҷониби субъектони соҳибкории иҷтимоӣ, аз ҷумла тавассути иштироки шахсии меҳнатии гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ анҷомдодашуда.

**Моддаи 5. Принсипҳои соҳибкории иҷтимоӣ**

Соҳибкории иҷтимоӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад:

1) қонуният;

2) адолати иҷтимоӣ;

3) афзалиятнокии манфиати ҷамъиятӣ;

4) шаффофияти фаъолияти субъектони соҳибкории иҷтимоӣ;

5) ихтиёрӣ будани соҳибкории иҷтимоӣ;

6) баробарҳуқуқии субъектони соҳибкории иҷтимоӣ;

7) кафолатнокии ҳифзи ҳуқуқҳо ва таъмини фаъолияти озоди субъектони соҳибкории иҷтимоӣ аз ҷониби давлат.

**Моддаи 6. Кафолати амалисозии соҳибкории иҷтимоӣ**

Давлат амалисозии ҳама гуна соҳибкории иҷтимоии ба ҳалли мушкилот ва дастгирии гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ, фурӯш ва (ё) таҳвили молҳои таъиноти иҷтимоӣ, инчунин хизматрасонӣ ба гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ равонагардидаро, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд, эътироф мекунад ва барои амалисозии он иҷозат медиҳад, ба истисноии фаъолият оид ба истеҳсол ва (ё) фурӯши молҳои зераксизӣ, гардиши силоҳ ва қисмҳои асосии силоҳи оташфишон, инчунин фаъолият оид ба истихроҷ ва (ё) фурӯши канданиҳои фоиданок (ба истисноии канданиҳои фоиданоки маъмулӣ).

**Моддаи 7. Субъектони соҳибкории иҷтимоӣ**

Субъектони соҳибкории иҷтимоӣ соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие буда метавонанд, ки фаъолияти соҳибкории иҷтимоиро амалӣ менамоянд ва бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур соҳиби мақоми корхонаи иҷтимоӣ ё соҳибкори иҷтимоӣ гаштаанд.

**Моддаи 8. Гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ**

1. Ба гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ мансубанд:

1) шахсони маъюб ва шахсони дигари дорои имкониятҳои маҳдуд, аз ҷумла кӯдакони маъюб ва оилаи онҳо;

2) ноболиғони ятим, кӯдакони ноболиғи аз парастории падару модар маҳрумшуда, хатмкардагони хонаи кӯдакон (то синни бисту се), инчунин кӯдакони ноболиғе, ки дар муҳити аз ҷиҳати иҷтимоӣ хатарнок қарор доранд;

3) нафақагирон ва шахсоне, ки то ба синни нафақа аз рӯйи синну сол расидани онҳо ду сол мондааст, шахсони пиронсоле, ки қобилияти худхизматрасониро қисман ё пурра аз даст додаанд, шахсоне, ки яккаю танҳо зиндагӣ мекунанд, аз ҷумла зану шавҳари танҳо;

4) шахсони дар вазъияти душвори зиндагӣ қарордошта, ки ба паноҳгоҳи муваққатӣ ё хизматрасонии фаврии иҷтимоӣ ниёз доранд;

5) шаҳрвандони камбизоат, оилаҳои нопурраи фарзандони ноболиғдошта, инчунин оилаҳое, ки беш аз панҷ нафар фарзанди ноболиғ доранд, шахсоне, ки аз саробони худ маҳрум шуда, сарчашмаи даромад надоранд;

6) собиқадорони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда (ҳамсарони онҳо);

7) шахсоне, ки дар натиҷаи садамаҳои техногенӣ зарар дидаанд (аз ҷумла неругоҳи барқи атомии Чернобил ва минтақаҳои дигари олудагии радиоактивӣ), қурбониёни ҳолатҳои фавқулода, амалиёти ҷангӣ;

8) шахсоне, ки аз ҳама гуна намуди зӯроварӣ зарар дидаанд, аз ҷумла шахсоне, ки қурбонии савдои одамон, истисмори меҳнатӣ ва шаҳвонӣ мебошанд;

**(Давомаш дар саҳ. 7)**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ СОҲИБКОРИИ ИҶТИМОӢ

(Идома аз саҳ. 6)

9) модарониноболиғи танҳо, ки кӯдаки хурдсол доранд ва занҳои ноболиғи ҳомиладори танҳо;

10) гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ, инчунин оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, ки бе кумаки моддӣ мондаанд;

11) шахсоне, ки ҷойи зисти муайян надоранд, инчунин шахсони аз муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ё муассисаҳои табобати маҷбурӣ озод шудаанд.

2. Шахсони дигари аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

**БОБИ 2.**
**ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ СОҲАИ СОҲИБКОРИИ ИҶТИМОӢ**

**Моддаи 9. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ**

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ нигаронида шудааст ба:

1) дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкории иҷтимоӣ;

2) ташаккул ва мукаммалгардонии заминаи ҳуқуқии соҳибкории иҷтимоӣ;

3) таҳия ва амалисозии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ;

4) фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоя ба лоиҳаҳои иҷтимоӣ.

**Моддаи 10. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ**

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ мансуб мебошанд:

1) таъмин намудани татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ;

2) тасдиқ намудани ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ;

3) муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ;

4) тасдиқ кардани усули арзёбии таъсирбахшии соҳибкории иҷтимоӣ ва қабул намудани дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ;

5) ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳо ва мақомоту ташкилотҳои дигари давлатӣ дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ;

6) амалӣ намудани ваколатҳои дигар мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 11. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ**

Ба ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ дохил мешаванд:

1) таъмини амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ;

2) иштирок дар таҳия ва амалисозии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ;

3) иштирок дар таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ;

4) амалисозии ҳамкорӣ бо субъектони соҳибкории иҷтимоӣ;

5) таъмини ҳамоҳангсозии байниидоравӣ ҳангоми таҳия ва амалисозии лоиҳаҳо оид ба дастгирии соҳибкории иҷтимоӣ;

6) ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин бо иштирокдорони дигари соҳибкории иҷтимоӣ;

7) мусоидат намудан ҳангоми ба роҳ мондани робитаи субъектони соҳибкории иҷтимоӣ бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва донорӣ;

8) мусоидат намудан ҳангоми таҳия ва амалисозии лоиҳаҳо оид ба соҳибкории иҷтимоӣ;

9) мусоидат барои ба даст овардани таҳсилоти касбӣ, таҳсилоти касбии иловагӣ, таълим, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони корхонаҳои иҷтимоӣ;

10) таҳлили муҳити соҳибкории иҷтимоӣ, омӯзиш, мониторинг ва пешниҳоди таклифҳо оид ба рушди соҳибкории иҷтимоӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

11) амалӣ намудани ваколатҳои дигар мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 12. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ**

Ба ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ дохил мешаванд:

1) баррасии аризаҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба ворид намудан ба феҳристи субъектони соҳибкории иҷтимоӣ мутобиқи Қонуни мазкур;

2) пешбурди феҳристи субъектони соҳибкории иҷтимоӣ;

3) мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалисозии назорати андозӣ ва дар доираи он муайян намудани мутобиқати фаъолияти корхонаҳои иҷтимоӣ ва соҳибкорони иҷтимоӣ ба талаботи Қонуни мазкур;

4) амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи Қонуни мазкур.

**Моддаи 13. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ**

Ба ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ дохил мешаванд:

1) таъмини амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ дар ҳудуди воҳидҳои дахлдори маъмурию ҳудудӣ;

2) таҳия, тасдиқ ва амалисозии барномаҳои маҳаллии банақшагирии стратегӣ дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ;

3) дастгирии иҷтимоӣ ва ҳавасмандгардонии субъектони соҳибкории иҷтимоӣ бо дар назар доштани хусусиятҳои иҷтимоӣ, демографӣ ва хусусиятҳои дигари хоси воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ;

4) андешидани чораҳои дахлдор оид ба фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоя ба соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ;

5) мусоидат намудан ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҳангоми аз ҷониби онҳо амалӣ намудани вазифаҳо дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ ва расондани кумакҳои ташкилӣ, молиявӣ ва иқтисодӣ;

6) амалӣ намудани ваколатҳои дигар мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**БОБИ 3.**
**МАҚОМИ ҲУҚУҚИИ СУБЪЕКТОНИ СОҲИБКОРИИ ИҶТИМОӢ**

**Моддаи 14. Ба даст овардани мақоми субъекти соҳибкории иҷтимоӣ**

Мақоми корхонаи иҷтимоӣ ё соҳибкори иҷтимоӣ аз лаҳзаи ба феҳристи дахлдори давлатии корхонаҳои иҷтимоӣ ва соҳибкорони иҷтимоӣ ворид намудани шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ ба даст оварда мешавад.

**Моддаи 15. Муассисони корхонаи иҷтимоӣ**

Корхонаи иҷтимоӣ метавонад аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар ҳама гуна шакли ташкилию ҳуқуқии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад.

**Моддаи 16. Хусусиятҳои амалисозии соҳибкории иҷтимоӣ аз ҷониби иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ**

1. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» ба қайд гирифта шудаанд, метавонанд фаъолияти соҳибкории иҷтимоиро амалӣ созанд ва мақоми корхонаи иҷтимоиро ба даст оранд.

2. Дороиҳо ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки бевосита бо амалӣ намудани соҳибкории иҷтимоӣ аз ҷониби онҳо алоқаманд мебошад, бояд таҳти баҳисобгирии муҳосибии алоҳида (аз фаъолияти асосӣ ҷудо) қарор дода шавад.

3. Моликияти аз ҷониби иттиҳодияи ҷамъиятӣ дар натиҷаи амалисозии фаъолият дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ бадастоварда барои дастрасии мақсадҳои оинномавӣ истифода гардида, дар байни аъзои иттиҳодияи ҷамъиятӣ тақсим карда намешавад. Иттиҳодияи ҷамъиятӣ наметавонад зиёда аз 30 дарсади даромади дар натиҷаи амалисозии фаъолият дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ ба дастомадаро барои хароҷоти умумӣ ва маъмурӣ истифода намояд.

4. Дар сурати аз ҷониби иттиҳодияи ҷамъиятӣ қатъ намудани фаъолият дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ дороиҳои озоди боқимонда, ки дар натиҷаи соҳибкории иҷтимоӣ ба даст омадаанд, барои дастрасии мақсадҳои оинномавӣ ба корхонаи иҷтимоӣ ё ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки ба феҳристи корхонаҳои иҷтимоӣ ворид карда шудаанд, супорида мешаванд.

5. Бо аризаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ки ба соҳибкории иҷтимоӣ машғул аст, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ чунин иттиҳодияи ҷамъиятиро ба феҳристи субъектони соҳибкории иҷтимоӣ ворид менамояд.

**Моддаи 17. Талабот нисбат ба корхонаи иҷтимоӣ**

Дар сурати мувофиқ будани корхона ба як ё якчанд меъёри зерин, он корхонаи иҷтимоӣ ҳисобида мешавад, агар барои ҳалли мушкилоти гурӯҳи аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ, ё фурӯш ва (ё) таҳвили молҳои иҷтимоӣ, инчунин хизматрасонии иҷтимоӣ таъсис дода шуда бошад:

1) дар корхона на камтар аз 50 дарсади шумораи умумии кормандон ба гурӯҳи аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ мансуб бошанд, фонди музди меҳнати гурӯҳи аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ на камтар аз 50 дарсади фонди умумии музди меҳнати кормандонро ташкил кунад;

2) даромади аз фаъолияти соҳибкории иҷтимоӣ бадастомада аз рӯйи натиҷаи соли пешинаи тақвимӣ на камтар аз 50 дарсади ҳаҷми умумии даромади корхонаро ташкил намояд;

3) на камтар аз 50 дарсади даромади аз соли тақвимии пешина бадастомадаро ба амалисозии фаъолияти соҳибкории иҷтимоӣ такроран сармоягузорӣ намояд.

**Моддаи 18. Хусусиятҳои амалисозии соҳибкории иҷтимоӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ**

Шахсони воқеӣ, ки мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шудаанд, метавонанд фаъолияти соҳибкории иҷтимоиро амалӣ намоянд ва ҳамзамон дар сурати мувофиқати фаъолияти онҳо ба меъёрҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур ба сифати соҳибкори иҷтимоӣ ба феҳристи субъектони соҳибкории иҷтимоӣ ворид карда шаванд.

**Моддаи 19. Талабот нисбат ба соҳибкори иҷтимоӣ**

Соҳибкори инфиродӣ дар сурати мувофиқ будан ба як ё якчанд меъёри зерин соҳибкори иҷтимоӣ ҳисобида мешавад:

1) ба гурӯҳи осебпазири аҳолӣ мансуб бошад;

2) фаъолияти он бевосита бо ҳалли мушкилоти гурӯҳи аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ, ё фурӯш ва (ё) таҳвили молҳои иҷтимоӣ, инчунин хизматрасонии иҷтимоӣ вобаста бошад;

3) даромади аз фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ бадастомада аз рӯйи натиҷаи соли тақвимии пешина на камтар аз 50 дарсади ҳаҷми умумии даромади соҳибкории иҷтимоиро ташкил намояд;

4) на камтар аз 50 дарсади даромади аз соли тақвимии пешина бадастомадаро ба амалисозии фаъолияти соҳибкории иҷтимоӣ такроран сармоягузорӣ намояд.

**Моддаи 20. Феҳристи субъектони соҳибкории иҷтимоӣ**

1. Феҳристи субъектони соҳибкории иҷтимоӣ маълумотро оид ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии бақайдгирифташуда, ки дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ фаъолият анҷом медиҳанд, дар бар мегирад.

2. Пешбурди феҳристи субъектони соҳибкории иҷтимоӣ дар ҳомилҳои электронӣ (магнитӣ) ва коғазӣ анҷом дода мешавад. Дар сурати гуногун будани маълумоти дар ҳомилҳои коғазӣ ва электронӣ мавҷудбуда, маълумоти дар ҳомили коғазӣ мавҷудбуда асосӣ ҳисобида мешавад.

3. Маълумоти дар феҳристи субъектони соҳибкории иҷтимоӣ мавҷудбуда озод ва дастраси умум мебошад, ба истиснои маълумоти махфӣ, маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ ва сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда.

4. Феҳристи субъектони соҳибкории иҷтимоӣ қисми таркибии Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ мебошад, ки тартиби пешбурди онро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ муайян менамояд.

**Моддаи 21. Ҳуқуқҳои корхонаҳои иҷтимоӣ ва соҳибкорони иҷтимоӣ**

1. Корхонаҳои иҷтимоӣ ва соҳибкорони иҷтимоӣ ҳуқуқ доранд:

1) озодона фаъолиятеро, ки хилофи Қонуни мазкур нест, амалӣ карда, мустақилона намуд, шакл, соҳа ва самтҳои фаъолиятро муайян намоянд;

2) барои ноил гардидан ба ҳадафҳои оинномавӣ волонтёронро ҷалб намоянд;

3) шаклҳои мавҷудаи дастгирии давлатии корхонаҳои иҷтимоӣ ва соҳибкорони иҷтимоиро истифода баранд;

4) ҳангоми қабул намудани қарор аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба масъалаҳои соҳибкории иҷтимоӣ ва таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ иштирок намоянд;

5) ҳуқуқҳо, кафолатҳо, имтиёзҳо ва кумакҳои молиявии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ истифода баранд;

6) асосҳои хориҷ намудан ё ворид накардан ба феҳристи субъектони соҳибкории иҷтимоиро талаб кунанд, инчунин аз болои қарор оид ба ворид накардан ё хориҷ намудан аз феҳристи субъектони соҳибкории иҷтимоӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонун шикоят оранд.

2. Корхонаҳои иҷтимоӣ ё соҳибкорони иҷтимоӣ ҳуқуқҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкориро доро мебошанд.

**Моддаи 22. Уҳдадориҳои корхонаҳои иҷтимоӣ ва соҳибкорони иҷтимоӣ**

1. Корхонаҳои иҷтимоӣ ва соҳибкорони иҷтимоӣ уҳдадоранд:

1) ба талаботи корхонаи иҷтимоӣ ё соҳибкори иҷтимоӣ, ки Қонуни мазкур муқаррар намудааст, ҷавобгӯй бошанд;

2) иттилоотро оид ба фаъолияти вобаста ба соҳибкории иҷтимоӣ ифшо кунанд, ба истисноии маълумоти дорои сирри давлатӣ, сирри тиҷоратӣ ва сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда;

3) объектҳои моликияти давлатиро, ки ба корхонаи иҷтимоӣ ё соҳибкори иҷтимоӣ барои амалисозии соҳибкории иҷтимоӣ дода шудаанд, босамар ва аз рӯйи таъиноти мақсаднок истифода баранд;

4) талаботи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаи ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ, экологӣ, санитарӣ ва беҳдошт риоя кунанд;

5) ҳисоботи андозиро бо тартиб ва шартҳои пешбининамудаи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд;

6) на камтар аз 50 дарсади даромади соли молиявии пешинаро ба азнавсармоягузории фаъолияти соҳибкории иҷтимоӣ дар давоми соли молиявии оянда равона созанд.

2. Корхонаҳои иҷтимоӣ ва соҳибкорони иҷтимоӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд дорои уҳдадориҳои дигар бошанд.

**Моддаи 23. Тартиби муайян намудани мутобиқати фаъолияти субъектони соҳибкории иҷтимоӣ**

1. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар доираи назорати андозии анҷомдодашаванда мутобиқати фаъолияти субъекти соҳибкории иҷтимоиро ба талаботи Қонуни мазкур муайян менамояд.

2. Ҳангоми муайян намудани мутобиқати фаъолияти субъекти соҳибкории иҷтимоӣ ба талаботи Қонуни мазкур мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ҳуқуқ надорад ҳуҷҷат ва иттилооти иловагиро талаб намояд.

**Моддаи 24. Аз даст додани мақоми корхонаи иҷтимоӣ ё соҳибкори иҷтимоӣ ва оқибатҳои он**

1. Мақоми корхонаи иҷтимоӣ ё соҳибкори иҷтимоӣ дар ҳолатҳои зерин бекор карда мешавад:

1) пешниҳоди ариза аз ҷониби корхонаи иҷтимоӣ ё соҳибкори иҷтимоӣ оид ба бекор кардани мақом;

2) қатъ гардидани фаъолияти корхонаи иҷтимоӣ ё соҳибкори инфиродӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) азнавташкилдиҳии корхонаи иҷтимоӣ, ба истисноии муттаҳидсозӣ ё ҳамроҳшавии ду ва зиёда субъектони дорои мақоми корхонаи иҷтимоӣ;

4) тибқи хулосаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ оид ба номутобиқатии фаъолияти корхонаи иҷтимоӣ ё соҳибкори иҷтимоӣ ба талаботи Қонуни мазкур.

2. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи банди 4) қисми 1 моддаи мазкур мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ барои бартарафсозии қонуншиканиҳои ошкоргардидаи Қонуни мазкур мӯҳлати семоҳаро муқаррар менамояд. Агар пас аз гузаштани мӯҳлати мазкур қонуншиканиҳо бартараф нагардида бошанд, мақоми корхонаи иҷтимоӣ ё соҳибкори иҷтимоӣ мутобиқи қисми 1 моддаи мазкур бекор карда мешавад.

3. Аз даст додани мақоми корхонаи иҷтимоӣ ё соҳибкори иҷтимоӣ боиси хориҷ кардани он аз феҳристи дахлдор мегардад. Дар ин сурат, агар муассиси корхонаи иҷтимоӣ иттиҳодияи ҷамъиятӣ бошад, чунин корхона ҳангоми азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳӣ уҳдадор аст ба иттиҳодияи ҷамъиятии мазкур дороиҳо (молу мулк)-и боқимондаро пас аз қонеъ гардондани талаботи қарздеҳон баргардонад.

4. Дар сурати аз даст додани мақоми корхонаи иҷтимоӣ ё соҳибкори иҷтимоӣ ариза оид ба барқарор намудани мақом ё дубора пешниҳод намудани он пас аз гузаштани 12 моҳ аз рӯзи бекор намудани чунин мақом баррасӣ мегардад.

5. Корхонаи иҷтимоӣ ё соҳибкори иҷтимоӣ метавонад аз болои қарор оид ба бекор кардани мақом ё рад шудани баррасии аризаи дар қисми 4 моддаи мазкур қайдгардида ба суд шикоят намояд.

**Моддаи 25. Арзёбии самарабахшии фаъолияти соҳибкории иҷтимоӣ**

Вазорату идораҳо, мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои дигар, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи ваколатҳои худ дар ҳамкорӣ бо субъектони соҳибкории иҷтимоӣ метавонанд арзёбии самарабахшии фаъолияти субъектони мазкурро мутобиқи усули тасдиқгардидаи арзёбии таъсирбахшии соҳибкории иҷтимоӣ анҷом диҳанд.

**БОБИ 4.**
**ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ СОҲИБКОРИИ ИҶТИМОӢ**

**Моддаи 26. Шаклҳои дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкории иҷтимоӣ**

1. Дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкории иҷтимоӣ дар шаклҳои зерин амалӣ карда мешавад:

1) пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ ё дигар имтиёзҳои давлатӣ бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) ҷойгиркунонии фармоиши иҷтимоии давлатӣ мутобиқи шартномаҳои бевосита оид ба иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) иштирок намудан дар расмиёти хариди давлатӣ бо ҳуқуқи афзалиятноки хариди мустақим оид ба лоиҳаҳои иҷтимоӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4) пешниҳоди дастгирии молиявӣ ба корхонаҳои иҷтимоӣ аз ҳисоби фондҳои мақсадноки давлатӣ;

5) дастгирии моддӣ, аз ҷумла бо роҳи ба иҷора додани молу мулки давлатӣ ва коммуналӣ бо шартҳои имтиёзнок мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

6) ташкили таълим ва таҳсилоти касбӣ, таҳсилоти касбии иловагӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони корхонаҳои иҷтимоӣ;

7) пешниҳоди грантҳои давлатӣ барои корхонаҳои иҷтимоӣ ё соҳибкорони иҷтимоӣ бо мақсади амалисозии лоиҳаҳои иҷтимоӣ;

8) пешниҳоди машварати ройгон, расондани кумаки методӣ ва дастгирии иттилоотӣ, аз ҷумла оид ба масъалаҳои ҷалби маблағгузорӣ ва иштирок дар хариди мол, кор ва хизматрасонӣ.

2. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот метавонанд дар доираи ваколатҳои худ чораҳои иловагии дастгирии соҳибкории иҷтимоиро муқаррар намоянд.

3. Дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкории иҷтимоӣ аз рӯзи ба феҳристи субъектони соҳибкории иҷтимоӣ ворид намудани субъекти соҳибкорӣ амалӣ гардонда шуда, аз рӯзи хориҷ карда шудан аз феҳристи мазкур қатъ мегардад.

**БОБИ 5.**
**МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ**

**Моддаи 27. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 28. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода мешавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 январи соли 2025, №2119**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2024, №571**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2024, №1483**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА КОДЕКСИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба моддаи 498 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №12, қ. 1, мод. 989, мод. 990; с. 2009, №5, мод. 321, №9-10, мод. 543; с. 2010, №1, мод. 2, мод. 5, №3, мод. 153, №7, мод. 547, №12, қ. 1, мод. 812; с. 2011, №6, мод. 430, мод. 431, №7-8, мод. 610, №12, мод. 838; с. 2012, №4, мод. 256, №7, мод. 685, мод. 693, №8, мод. 814, №12, қ. 1, мод. 1004; с. 2013, №3, мод. 181, №7, мод. 508; с. 2014, №3, мод. 143, мод. 144, №7, қ. 1, мод. 389, мод. 390; с. 2015, №3, мод. 201, №5, 6, 7-9, мод. 707, мод. 708, №11, мод. 955, №12, қ. 1, мод. 1108; с. 2016, №3, мод. 130, мод. 131, мод. 132, №5, мод. 359, мод. 361, №7, мод. 613, мод. 614, №11, мод. 877; с. 2017, №1-2, мод. 5, мод. 6, №5, қ. 1, мод. 275, №7-9, 10, мод. 568, мод. 585; с. 2018, №1, мод. 9, №5, мод. 268, мод. 269; с. 2019, №1, мод. 8, №6, мод. 312, мод. 313, №7, мод. 464; с. 2020, №1, мод. 6, №7-9, мод. 604, мод. 606, мод. 621, №12, мод. 900, мод. 901; с. 2021, №6, мод. 384, мод. 385, №12, қ. 2, мод. 686, мод. 687, мод. 688, мод. 689; с. 2022, №1, 2-3, мод. 12, №7, мод. 443, №12, қ. 2, мод. 768; с. 2023, №4-6, мод. 155, №11, мод. 459; с. 2024, №1-2, мод. 3, мод. 4, №5-6, мод. 252, мод. 253), тағйироти зерин ворид карда шаванд:

- дар санксияи қисми 1 калимаҳои «аз сӣ то панҷоҳ» ба калимаҳои «аз чил то шаст» иваз карда шаванд;

- дар санксияи қисми 2 калимаҳои «аз панҷоҳ то ҳафтод» ба калимаҳои «аз сад то яксаду панҷоҳ» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз 1 моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 январи соли 2025, №2120**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2024, №565**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 30 октябри соли 2024, №1443**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ АССОТСИАТСИЯИ ИСТИФОДАБАРАНДАГОНИ ОБ»

**Моддаи 1**. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об» аз 2 январи соли 2020 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2020, №1, мод. 15) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба сархати шашуми моддаи 1 пас аз калимаи «расонидашуда» калимаҳои «тариқи ғайринақдӣ» илова карда шаванд.

2. Дар сархати якуми қисми 2 моддаи 6 калимаи «китоби» ба калимаи «феҳристи» иваз карда шавад.

3. Дар сархати ҳаштуми қисми 1 моддаи 12 пас аз калимаи «шудаанд,» калимаҳои «тариқи ғайринақдӣ» илова карда шуда, калимаҳои «ба роҳ монад» ба калимаи «гузаронад» иваз карда шаванд.

4. Ба сархати дуюми қисми 3 моддаи 15 пас аз калимаи «давлатӣ» калимаҳои «тариқи ғайринақдӣ» илова карда шаванд.

5. Дар қисми 6 моддаи 22:

- дар сархати ҳафтум пас аз калимаи «муқарраршударо» калимаҳои «тариқи ғайринақдӣ» илова карда шаванд;
- дар сархати ҳаштум пас аз калимаи «давлатӣ» калимаҳои «тариқи ғайринақдӣ» илова карда шаванд.

**Моддаи 2**. Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 январи соли 2025, №2121**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2024, №566**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 7 ноябри соли 2024, №1453**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ САРВАТҲОИ ЗЕРИЗАМИНӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» аз 20 июли соли 1994 (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1994, №15-16, мод. 235; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1995, №22, мод. 259; с. 2008, №1, қ. 2, мод. 16, №12, қ. 2, мод. 1005; с. 2010, №12 қ. 1, мод. 822; с. 2013, №12, мод. 892) тағйиру иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 47 калимаҳои «иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ба калимаҳои «низоми иҷозатдиҳӣ» иваз карда шаванд.

2. Моддаи $48^{1}$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

**«Моддаи $48^{1}$. Тартиби пардохти маблағҳои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ**

Пардохтҳои марбут ба маблағҳои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, ки дар Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд, тариқи ғайринақдӣ анҷом дода мешаванд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 январи соли 2025, №2122**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2024, №567**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 7 ноябри соли 2024, №1457**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ТУХМИПАРВАРӢ»

**Моддаи 1.** Ба моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ» аз 5 январи соли 2008 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, қ. 2, мод. 20; с. 2015, №11, мод. 959; с. 2024, №1-2, мод. 14) ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Пардохти маблағи ҳаққи хизматҳои расонидашуда тариқи ғайринақдӣ ба роҳ монда мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 январи соли 2025, №2123**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2024, №568**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 7 ноябри соли 2024, №1463**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ НОМҲОИ ОБЪЕКТҲОИ ҶУҒРОФӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ» аз 29 апрели соли 2006 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2006, №4, мод. 198; с. 2013, №3, мод. 188) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Сархати якуми моддаи 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**- объектҳои ҷуғрофӣ** – ташкилаҳои нисбатан устувори мавҷудаи рӯи замин (кӯҳҳо, қаторкӯҳҳо, қуллаҳо, дарёҳо, кӯлҳо, обанборҳо, пиряххо, биёбонҳо, ҳудудҳои дигари табиӣ ва ба инҳо монанд);».

2. Аз матни моддаи 2 калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шавад.

3. Моддаи $2^{1}$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**Моддаи $2^{1}$. Доираи амали Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур нисбат ба фаъолияти номгузорӣ, номивазкунӣ, бақайдгирӣ, баҳисобгирӣ, истифодабарӣ, ҳифз ва нигоҳдории номҳои объектҳои ҷуғрофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегардад.

Амали Қонуни мазкур нисбат ба номгузорӣ ва номивазкунии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишин татбиқ мегардад, агар дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.».

4. Дар сархати панҷуми моддаи 3 калимаи «салоҳияти» ба калимаи «ваколатҳои» иваз карда шавад.

5. Дар ном ва матни моддаи 4 калимаҳои «Салоҳияти» ва «салоҳияти» мувофиқан ба калимаҳои «Ваколатҳои» ва «ваколатҳои» иваз карда шаванд.

6. Дар қисми шашуми моддаи 6 калимаи «қаламрави» ба калимаи «ҳудуди» иваз карда шавад.

7. Дар моддаи 8:

- дар қисми сеюм калимаи «салоҳияти» ба калимаи «ваколатҳои» иваз карда шавад;
- қисми шашум хориҷ карда шавад.

8. Моддаи $10^{1}$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**Моддаи $10^{1}$. Ҳалли баҳсҳо вобаста ба номҳои объектҳои ҷуғрофӣ**

Баҳсҳо вобаста ба номҳои объектҳои ҷуғрофӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешаванд.».

9. Моддаи 11 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 11. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 январи соли 2025, №2124**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2024, №569**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 4 декабри соли 2024, №1494**


# ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

**Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) ҷиҳати иштирок дар озмунҳои тендерии дастрас, пешниҳод, харидҳо, таъмин хизматрасонӣ, иваз, интиқол, таъмир, таҷдид ва тамоми намудҳои дигари хизматрасониро аз тариқи иштироки номаҳдуд ҳамаи хоҳишмандонро дар асоси буҷети барномаҳо ва буҷети Дастгоҳи иҷроияи Кумитаи марказии ҷамъият, аз рӯи таснифот ва лотҳои зерин барои бастани шартномаҳои гуногуни муҳлатноки аз як то се сол даъват менамояд.**

1. Дастрас, харид, интиқол, таъмини молу маҳсулоти хӯрока ва ғайри он (то як сол, бо пешниҳоди кафолати нархҳо на кам аз се моҳ);
2. Боркашонӣ ва интиқолдиҳии маводу таҷҳизот аз нуқтаи муайяншуда то нуқтаи дастуршуда бо тартиби кафолати беосеб расонидани борҳо (то се сол, бо пешниҳоди кафолати нархҳо на кам аз се моҳ);
3. Хизматрасонии таъмири нақлиёти хизматӣ, хариди қисмҳои эҳтиётӣ ва ивази онҳо (то се сол бо пешниҳоди кафолати истифодаи қисмҳои эҳтиётӣ то як сол);
4. Таъмини маводи сӯзишворӣ ба нақлиёти хизматии ҶҲАТ дар асоси баргаҳои махсуси тасдиқшуда (то се сол бо пешниҳоди кафолати нархҳо на кам аз се моҳ);
5. Харид, таҷдид, азнавсозӣ, рангубори иншооти сохтмонӣ дар ДИ КМ ҶҲАТ ва дар минтақаҳо (аз се моҳ то як сол бо пешниҳоди кафолати нархҳо на кам аз се моҳ);
6. Пешниҳоди хизмати тарҷумонӣ, тарҷумаи синхронӣ, расмии ҳуҷҷатҳо ва дигар намуди хизмати тарҷумонӣ (то як сол);
7. Босифат таҳия, чоп, дастрас, таъмин кардан ва хариди маводи иттилоотӣ (то се сол, бо пешниҳоди кафолати нархҳо на кам аз се моҳ);
8. Сабт, таҳия ва наворгирии ҳама гуна чорабиниҳо дар мавридҳои зарурӣ намоиши онҳо дар ВАО (телевизион, радио, чоп дар матбуоти даврӣ ва дигар намуди иттилоотонӣ), таҳияи видеороликҳо, сабти фиттаҳо аз рӯи дархост, (то як сол бо пешниҳоди сифати баланди хизматрасонӣ);
9. Харид ва таъмини таҷҳизоти тиббӣ ва маводи доруворӣ, аз рӯи дархост бо маҳсулоти сифатнок ва дорои сертификат (то як сол, бо пешниҳоди кафолати нарх на кам аз се моҳ);
10. Таъмини хизматрасонии алоқаи барқӣ, дастгоҳҳои алоқа, кашидани ноқил барои пайвастшавӣ ба шабакаи интернет, таъмини симкортҳои хизматӣ ва модемҳо, таъмини дастрасӣ ба шабакаҳои иҷтимоии иҷозатдодашуда (то се сол, бо пешниҳоди кафолати нарх на кам аз се моҳ);
11. Таҳия, дастрас ва таъмини сарулибос, кӯлоҳ, пойафзоли махсус бо рамзгузориҳо, аз рӯи дархост (то як сол бо додани кафолати сифати мавод);
12. Дастрас, иваз ва таъмини маводи канселярӣ, таҷҳизоти корӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ (кондитсионер, компютер, принтер, проектор, дастгоҳҳои аксбардор, мизу курсиҳо ва ғайра), инчунин таъмири босифати онҳо бо пешниҳоди кафолати истифодабарии то як сол, аз рӯи дархост (то се сол);
13. Таъмини ҶҲАТ бо таҷҳизоти маишӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва таъмири босифати онҳо (ҷевон, яхдон, гармидиҳандаи барқӣ ва ғайра) аз рӯи дархост (то се сол);
14. Брон кардан ва сари вақт ба расмият даровардани чиптаҳои ҳавопаймо (то се сол);
15. Расонидани хизмати боркашонӣ, интиқолдиҳӣ аз нуқтаи муайяншуда то нуқтаи фармоишшуда (ё баръакс), (то як сол, бо пешниҳоди кафолати нарх на кам аз се моҳ);
16. Пешниҳоди хизматрасонӣ ва муҳайё намудани шароит барои баргузории семинар - машваратҳо (бо ташкили хӯроки нисфирӯзӣ, шом, кофебрейкҳо) бо назардошти нархҳое, ки дар санадҳои меъёрии дохилии ҶҲАТ муайян шудааст (то як сол, бо кафолати нархҳо на кам аз се моҳ);
17. Хизматрасонии меҳмонхонадорӣ барои меҳмонони ба ҷамъият ташрифоваранда (то як сол, бо кафолати нархҳо на кам аз се моҳ);
18. Хизматрасонии кашонидан ва интиқоли кормандон ва меҳмонон тибқи дархостҳо (то се сол);
19. Дастрас ва таъмини мавод, таҷҳизот ва лавозимоти хоҷагидорӣ (то як сол бо кафолати нархҳо на кам аз се моҳ);
20. Хариди маводи хотиравӣ (туҳфа, ҳадя ва ғайра), (то як сол, бо кафолати нархҳо на кам аз се моҳ);
21. Хизматрасонии аудитӣ (то се сол, бо пешниҳоди кафолати хулосаи мустақили аудитӣ);
22. Пешниҳоди майдонҳо (майдонҳои варзишӣ, баргузории машқҳои амалӣ - таҷрибавӣ);
23. Бастани шартномаҳои хизматрасонӣ бо довталабони фаъолияташон серсоҳа ва дорои иҷозатномаҳои чунин фаъолиятҳоро дошта (то се сол бо пешниҳоди кафолати нархҳо на кам аз се моҳ).

Бояд қайд намуд, ки дастрас ва таъмини мавод, таҷҳизот, қисмҳои эҳтиётӣ ва тамоми дигар намуди маснуот то анбори ҶҲАТ дар назар дошта шуда, бастани шартномаҳо бе шарти пешпардохт ва нақдӣ ба-расмият даровардa шуда, пардохт бошад, баъди даромад шуданашон ба анбор, ба суратҳисобҳои бонкӣ амалӣ карда мешавад. Ҳамин усул дар дигар намуди хизматрасониҳо низ роҳандозӣ карда мешавад (баъди анҷоми пурраи хизматрасониҳо бояд санадҳои дахлдор тартиб дода шавад).

Ҳамчунин, аксаран баргузории чорабиниҳо, таъмини мавод ва дигар намуди хизматрасониҳо дар воҳидҳои сохтории ҶҲАТ (минтақаҳои ҷумҳурӣ) дар назар дошта шуда, ба инобатгирии ҳолати мазкур довталабонро зарур аст.

Барои иштирок дар озмунҳои тендерии тендерӣ, пешниҳоди дархости расмӣ дар хусуси иштирок аз рӯи кадом лот, бо замимаи ҳатмии нусхаи аслии ҳуҷҷатҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ ва маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ баромад намудан, инчунин, мавҷуд набудан дар рӯйхатҳои ба сифати қарздор дар назди дигарон ва (дорои иҷозатномаи дахлдор будани шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ) маълумот дар бораи доштани суратҳисоби фаъол дар муассисаҳои бонкӣ (маълумотномаи бонкии дастрасшуда бояд саҳеҳ ва то пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ба ҶҲАТ камтар аз 10 рӯзро дар бар гирад), лозим аст.

Барои гирифтани маълумот ва таснифоти бештар хоҳишмандон метавонанд дар ҳудуди соатҳои корӣ бо телефони рақамӣ 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи У. Хайём 120 унвонии «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ, муроҷиат намоянд.

Муҳлати охирини қабули пешниҳодот *то 10 феврали соли 2025, соати 09.00 бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.*



# ЭЪЛОН!

Бо дастрасии моддаи 37 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ҶСП бонки «Арванд» аз роҳбари Кооперативи истеҳсоли хоҷагии деҳқонии «Ҳоҷӣ Неъмат» дар шаҳри Истаравшан, деҳаи Ниҷонӣ, хоҳиш менамояд, ки ба суратҳисоби ғайрифаъоли хеш таваҷҷуҳ зоҳир намуда, боқимонда маблағҳоро бозпас гиранд.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидорӣ тахти варақаи бақайдгирии 5845, ки онро КФБТ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати шаҳраки Сомониён, кӯчаи Гагарин, ба Ҳусенов Ашурали додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро КФБТ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Роҳатӣ, деҳоти Теппаи Самарқандӣ, ба Раҷабов Абдукарим Воҳидович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи байни ҶДММ «Ҷаъфар 2016» ва шаҳрванд Раҳматуллоев Баҳодур Шукуруллоевич оид ба ҳамкорӣ ва саҳмгузорӣ дар сохтмони манзили истиқоматии баландошёнаи «Маскан Тавер» 21-уми майи соли 2022 тахти рақами №МТ/ББ-011-066-203/Б баста шуда, дар суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Назаршоев 143, блоки «Б», ҳуҷраи №66 пешбинӣ гардидааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи дар бораи бақайдгирии давлатии қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва бинои истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» 4 октябри соли 2024 тахти рақами қайди №125687 дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Алачабоф, хонаи 2/1 ба Мансуров Аҳлиддин Одилҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда бо шартҳои махсус барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ бо РЯМ 3130038753, ки онро Нозироти андози ноҳияи Хуросон ба Маҷидов Меҳрангез Ашурбекович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда бо шартҳои махсус барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ бо (РЯМ 3130007192), ки онро Нозироти андози ноҳияи Хуросон ба Валиева Мошариф Навидиновна додааст эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи А 03363464, ки онро ШВКД дар ноҳияи Варзоб 27 июли соли 2020 ба Абдурашидзода Амирҳамза Исмоналӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи А 03043639, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Рӯдакӣ 29 январи соли 2020 ба Салоева Санавбар Маҷидовна (РМА 215392373) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи А 02073718, ки онро ШВКД- 1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 29 июли соли 2019 ба Меҳбуллоев Миралӣ Сафолович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ВСТ 5086892, ки онро Донишгоҳи славянии Россия - Тоҷикистон 9 июни соли 2011 тахти қайди 1829 ба Джабаров Солор Ботурович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи ШМҲ №0012672, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №92-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2003 ба Нихматова Заррина Алимахадовна додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замин, ки онро Кумитаи идораи замини шаҳри Ҳисор 28 ноябри соли 2014 тахти №0482311 барои бунёди боғчаи замонавии кӯдакона бо суроғаи шаҳри Ҳисор, ҷамоати шаҳраки Ҳисор ба Алиев Темурмалик додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибоси гумшуда аз Феҳристи ягонаи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ, ки онҳоро Нозироти андоз дар шаҳри Норак 5 июни соли 2013 ба ҶДММ «Асаш» (РЯМ 4110001665, РМА 410003626) додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замин, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Варзоб тахти №0297608 бо суроғаи ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Чорбоғ, деҳаи Ҷангалак, ба Абдураҳмонова Зуҳро додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, маҳаллаи Пахтакор, хонаи 39/1, ба Каримова Зуҳро Нуралиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т- АТУ №1242031, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2024 ба Неъматов Арсен Зулобшоевич додааст, эътибор надорад.



Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: *Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 6 январи соли 2025, соати 17:20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33850 нусха*

Навбатдорони шумора Ш. Атобуллоев ва С. Суннатӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97